# ФАТВОҲО АЗ ҲАЧ

ҲАЙСАМ ИБНИ МУҲАММАД САРҲОН

СОБИҚ МУАЛЛИМИ МАЪҲАДИ ҲАРАМ

ДАР МАСҶИДИ НАБАВӢ ВА РОҲБАРИ

СОМОНАИ ТАЪСИЛИ ИЛМӢ

اللغة الطاجيكية

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

MAHADSUNNAH.COM


الله
بسم الله الرحمن الرحيم

## Барои ҳаҷ эҳром баст, вале вуқуф (истодан) дар Арафот аз ӯ фавт гардид

Савол

Барои ҳаҷ эҳром баст ва шарт нагузошт, сипас вуқуф (истодан) дар Арафот (бо сабаби беморӣ ё таъхир ё бе узр) аз ӯ фавт гардид. Чӣ чизе бар ӯ лозим аст? Ва чӣ гуна аз эҳроми худ барояд?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аввал: Вуқуф (истодан) дар Арафот, рукне аз рукнҳои ҳаҷ аст, балки бузургтарин рукни он аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: Ҳаҷ Арафа аст, пас касе ки пеш аз дамидани субҳ, шаби ҷамъ (шаби Муздалифа) ба Арафот расад, ҳаҷҷи ӯ дуруст мебошад. Ривояти Тирмизӣ (889) ва Насоӣ (3016) ва ин лафзи Насоӣ аст. Шайх Албонӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-н-насоӣ" саҳеҳ донистааст.

Аз ин хотир, касе ки пеш аз дамидани субҳи рӯзи иди Қурбон ба Арафа наояд, ҳарчанд лаҳзае (дар онҷо наистад) ва ё аз онҷо гузаре накунад, ҳаҷ аз ӯ бо иҷмои донишмандон фавт гардидааст. (Яъне ҳаҷро аз даст додааст).

Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (8/273) гуфтааст: "Ҳаргоҳ барои ҳаҷ эҳром бандад ва пеш аз дамидани субҳи рӯзи иди Қурбон дар Арафа вуқуф накунад, бо иҷмоъ ҳаҷ аз ӯ фавт гардидааст ... " Поёни сухан.

Дуввум:Касе, ки аз ӯ ҳаҷ фавт гардад (яъне ҳаҷро аз даст бидиҳад) - ва дар аввали эҳром шарт нагузошта буд, ки

хориҷ шудани ӯ аз эҳром ҳамон ҷоест, ки боз дошта шуд - умури зерин бар ӯ лозим мегардад:

1- Бо анҷом додани умрае аз эҳромаш хориҷ шавад.

2- Қазои он бар ӯ дар соли оянда воҷиб аст, гарчанде ки ҳаҷҷи фавтшуда нофила бошад ҳам.

3- Бар ӯ воҷиб аст, ки ҳадйеро забҳ кунад, илова бар он қазои умраро анҷом бидиҳад.

4- Агар таъхир кардани ӯ (ба Арафа) бе узр бошад, бояд тавба кунад.

Ин хулосаи амалҳои зарурӣ барои касе, ки аз ӯ ҳаҷ фавт гардидааст.

Онро бо далелҳо баён менамоем:

1- Касе, ки аз ӯ ҳаҷ фавт гардад, бояд бо анҷом додани тавофу саъй ва кӯтоҳ кардан ё тарошидани мӯи сар (яъне бо иҷро намудани умрае) аз эҳром хориҷ шавад.

Зеро Молик дар китоби Ал-Муваттаъ (870) ривоят кардааст, ки Абуайюби Ансорӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аз Мадина ба қасди ҳаҷ хориҷ шуд, вале дар роҳи Макка шутурашро гум кард. Ӯ дар рӯзи иди Қурбон ба назди Умар ибни Хаттоб омад ва онро ба ӯ нақл кард. Умар ба ӯ гуфт: Чуноне, ки умракунанда анҷом медиҳад, ту низ ҳамин гуна анҷом бидеҳ, бо ин кор аз эҳром хориҷ мешавӣ. Агар дар солҳои оянда ҳаҷро дарёфт намоӣ, пас ҳаҷ кун ва он чи бароят муяссар шавад, забҳ намо. Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) санади ин ҳадисро саҳеҳ донистааст.

Ба китоби "Ал-Мунтақо шарҳу-л-муваттаъ" (3/7), "Ал-Маҷмуъ" (8/274) нигаред.

Инчунин далели он сухани Умар ба Абуайюб (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) мебошад, ки гуфтааст: Агар дар соли оянда

ҳаҷро дарёфт намоӣ, пас ҳаҷ кун ва ончи бароят муяссар шавад, забҳ бикун.
Ин дидгоҳи Абуҳанифа, Молик, Шофеӣ ва Ҳанбалиён мебошад.

Молик аз Нофеъ, аз Сулаймон ибни Ясор ривоят кардааст, ки гуфт: "Ҳаббор ибни Асвад дар рӯзи иди Қурбон омад, дар ҳоле ки Умар ибни Хаттоб ҳадйи худро қурбонӣ мекард, гуфт: Эй амири мӯъминон, ҳисоби мо хато баромад, мо гумон мекардем, ки имрӯз Арафа аст. Умар ба ӯ гуфт: Ба Макка бирав, ту ва ҳамроҳонат тавоф кунед ва агар бо худ ҳадй дошта бошед, онро қурбонӣ кунед, сипас мӯйи сари худро тарошед, ё кӯтоҳ кунед ва баргардед. Дар соли оянда ҳаҷ кунед ва ҳадй забҳ намоед. Касе ҳадй надошта бошад, се рӯз дар ҳаҷ ва ҳафт рӯз ҳаргоҳ баргардад, рӯза бигирад".
Ба китоби "Ал-Маҷмуъ" (8/275) руҷӯъ карда шавад.

2- Аммо далели воҷиб будани қазо ва ҳадй (забҳ), ривоятест аз Икрима, ки гуфт: Аз Ҳаҷҷоҷ ибни Амри Ансорӣ шунидаам, ки мегуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: Касе дучори шикастагӣ ва лангӣ шавад (ва бо сабаби он, маносики ҳаҷро анҷом дода натавонад) ҳалол мешавад (аз эҳром мебарояд) ва бар ӯ воҷиб аст, ки соли оянда ҳаҷ намояд. Икрима гуфтааст: Ибни Аббос ва Абуҳурайраро оиди ин масъала пурсидам, дар ҷавоб гуфтанд: Рост гуфтааст. Ривояти Абудовуд (1862).
Дар лафзи дигар чунин омадааст: Касе дучори шикастагӣ ё лангӣ ё беморӣ шавад. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳи Абудовуд" саҳеҳ донистааст.

Ибни Қудома дар китоби "Ал-Муғнӣ" (3/280) гуфтааст: "Мувофиқи саҳеҳтарин ривоят ҳадй бар касе, ки ҳаҷ аз ӯ

фавт шудааст, лозим мебошад. Ин сухани асҳоб ва фақеҳонест, ки номи ононро зикр кардем, ба ҷуз асҳоби раъй, ки онҳо мегӯянд: Ҳадй лозим намебошад... Вале далели мо ҳадиси Ато ва иҷмои саҳобагон аст". Поёни сухан.

Инчунин Ибни Қудома дар китоби "Ал-Муғнӣ" (3/281) гуфтааст: "Агар ҳамроҳи худ ҳадйе бурда бошад ва онро қурбонӣ намояд (яъне дар соле, ки ҳаҷ аз ӯ фавт шуд) кифоят намекунад, балки бар ӯ дар соли дуввум низ ҳадй воҷиб мебошад. Аҳмад бар он тасреҳ намудааст. Далели он ҳадиси Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аст". Поёни сухан. Инчунин ба китоби "Ал-Маҷмуъ" (8/275) нигаред.

3- Дар аҳкоми дар боло баёншуда байни маъзур ва ё ғайри маъзур ҳеҷ фарқе вуҷуд надорад. Вале онҳо дар гуноҳ фарқ доранд. Шахси маъзур гунаҳкор намешавад ва ғайри маъзур гунаҳкор мешавад. Чуноне, ки қозӣ Абу-т-таййиб ва дигарон гунаҳкор шудани ғайри маъзурро баён кардаанд.
Ниг: "Ал-Маҷмуъ" (8/276) .
Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳукми тавоф дар вақти хутбаи ҷумъа

Савол
Ҳангоме ки имом хутбаи ҷумъа мехонад, оё ҷоиз аст, ки ман тавофи видоъ намоям?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Донишмандон дар ҳукми тавоф дар вақти хутбаи ҷумъа ихтилоф кардаанд, хоҳ тавофи воҷиб бошад, монанди

тавофи ифоза, тавофи видоъ ва тавофи умра ё тавофи мустаҳаб бошад.
Моликиён онро ба намоз қиёс намуда, ин амалро мамнӯъ донистаанд. Барои намозгузор ҷоиз нест, ки дар вақти хутбаи ҷумъа намоз бихонад, ба ҷуз таҳияи масҷид, зеро ин кор эъроз аз хатиб ва саҳлангориву бепарвоӣ нисбати хутба ҳисобида мешавад. Тавоф дар ин бобат ба монанди намоз аст. Ниг: "Мавоҳибу-л-ҷалил" (3/78).

Шофеиён тавоф дар вақти хутбаи ҷумъаро ҷоиз медонанд ва қиёс намудани онро ба намоз дуруст намеҳисобанд, зеро тавоф ба гӯш кардани хутба ягон монеияте эҷод намекунад, бар хилофи намоз, ки ғофил мондан аз хутба дар ҳоли намоз бештар аст.
Ниг: "Ал-Ғурару-л-баҳийя" (2/29) ва "Ал-Фатово-л-фиқҳияту-л-кубро" (1/239).

Шайх Ибни Ҷибрин дидгоҳи ҷоиз набудани тавоф дар вақти хутбаи ҷумъаро интихоб кардааст.
Аз ӯ пурсиданд: Тавофи нофила барои муқиму мусофир, ҳангоме ки хатиб дар рӯзи ҷумъа хутба мехонад, чӣ ҳукме дорад?
Дар ҷавоб гуфт: "Ҳар гоҳ хатиб хутбаро шурӯъ кунад, намозгузорон бояд хутбаро бодиққат гӯш кунанд ва дар ҷойҳои худ бимонанд ва ғайр аз гӯш кардани хутба машғул шудан ба чизи дигар ҷоиз нест, магар касе, ки ҳангоми хутба (ба масҷид) ворид шавад, ки ӯ ду ракъат намоз мегузорад, вале онро сабук ва кӯтоҳ мехонад, хоҳ аз аҳли Макка бошад ё аз аҳли Макка набошад. Далелҳо бар манъ будани ҳаракат ва сухан гуфтан дар вақти хутба ом аст, ки ҳатто паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

«Агар имом машғули хондани хутба бошад, ба ҳамнишини худ бигӯӣ, ки хомӯш шав, ба таҳқиқ сухани беҳуда гуфтаӣ».
Ҳамингуна паёмбар аз ин калима ҳушдор дод, гарчанде ки барои намоз аст. Бар асоси ин, назари мо ин аст, ки то замоне ки имом хутбаи ҷумъа мехонад, тавоф кардан ба ҳар ҳол ҷоиз нест. Дар замони пеш имомон аз тавоф кардан дар вақти хутба манъ мекарданд, вале имомони ҳозира саҳлангорӣ карданд ва иддао доранд, ки мо пеши роҳи он нафароне, ки тавоф мекунанд, он нафароне ки мегӯянд, онҳо мусофиранд, тавофи видоъ мекунанд ва ё он нафароне, ки тавофро аз гӯш кардани хутба беҳтар медонанд, гирифта наметавонем. Аммо ин дуруст нест. Мо фикр мекунем, ки то ба охир расидани намози ҷумъа, бояд онҳо манъ карда шаванд. Аммо дар мавриди хутбаи ид бошад, тавоф кардан дар ҳангоми ин хутба ҳеҷ боке надорад, зеро он суннат аст ва барои намозгузорон воҷиб нест, ки то ба поён расидани он боқӣ бимонанд".
Поёни сухан аз маҷаллаи "Ал-Ҳарасу-л-ватанӣ" шуморони 272, таърихи 01/01/2005.
Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб

## Оё ҳаҷ кардан аз номи майит беҳтар аст ва ё пули ҳаҷро аз номи ӯ ҳамчун садақаи ҷория пардохт намояд?

Савол
Марди 70 солае ҳаҷ намудааст ва мехоҳад аз номи модараш, ки барои ҳаҷ қудрати молӣ надошт ва ҳаҷ накарда, вафот кардааст, ҳаҷ намояд. Боз мехоҳад аз номи ҳамсараш, ки қудрати аз моли худ ҳаҷ карданро надошт ва низ вафот кардааст, ҳаҷ кунад, вале шавҳар қудрати пардохти хароҷоти ҳаҷҷи ӯро дошт. Савол чунин аст: Бо дар назардошти саломатӣ ва бузургсолияш, оё беҳтар аст, ки аз

номи модараш ҳаҷ намояд ва сипас аз номи ҳамсараш ҳаҷ кунад ва ё маблағи ҳаҷро аз номи ҳардуи онҳо ҳамчун садақаи ҷория пардохт намуда, аз номи онҳо ният бикунад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Аз ҷумлаи некӣ ба падару модар ва вафодорӣ ба ҳамсар ин аст, ки инсон кӯшиш намуда, ҳар коре, ки пас аз марги онон, дараҷаашонро боло ва савобашонро зиёд мегардонад, анҷом бидиҳад.
Агар манзури саволдиҳанда ин аст, ки аз номи онҳо ҳаҷ намояд ва ё аз номи онон садақа кунад. Дар ин ҳолат, барояш машварат медиҳем, ки аз ҳаҷ оғоз кунад. Аввал аз номи модараш ва баъд аз номи ҳамсараш ҳаҷ намояд. Вале агар худаш қудрати ҳаҷ карданро надошта бошад, ба каси дигар хароҷот ва пули ҳаҷро бидиҳад, то аз номи онҳо ҳаҷ кунад. Ин ба хотири бузург будани савоби ҳаҷ ва ҳамчунин шояд дар ягон вақте дар зинда буданашон, шояд дар овони ҷавониашон, барои ҳаҷ қудрат пайдо кардаанд ва ҳаҷ бар онон фарз гардида буд. Агар аз номи онон ҳаҷ карда шавад, ин фариза аз зиммаашон соқит мешавад.
Худ бояд аз номи онҳо ҳаҷ кунад, вале агар пули ҳаҷро ба ду нафар бидиҳад, то онҳо дар як сол аз номи ҳардуи онон ҳаҷ кунанд, ин ҳам хуб аст.
Аз Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ таъоло бар ӯ бод) пурсиданд: Кадоме беҳтар аст, аз номи майит ҳаҷ намудан ва ё маблағи ҳаҷро ба мӯҳтоҷон садақа кардан?
Чунин посух дод: "Агар майит фаризаи ҳаҷро адо накарда бошад, бешак, агар касеро вакил кунад, то аз номи ӯ ҳаҷ намояд, беҳтар аст, зеро ӯ фаризаеро адо мекунад. Аммо агар нофила бошад, пас дар ин ҳолат, ба манфиат назар карда мешавад. Агар мардум дар ҳоли ҳоҷатмандиву

гуруснагӣ қарор дошта бошанд, пас дар ин сурат, садақа афзалтар аст, вагарна ҳаҷ беҳтар аст". Поёни сухан.
"Маҷмуъу-л-фатово" (21/263).
Сипас, баъд аз он барояш моле муяссар шавад ва Аллоҳ барояш фарохӣ бахшад ва бихоҳад, ки аз номи онҳо садақа кунад, пас аз номи онҳо садақаи ҷория намояд, агарчи кам ҳам бошад, ӯ метавонад падару модар ва ҳамсарашро дар он шарик созад, ба монанди саҳмгузорӣ дар бинои масҷид, ширкат варзидан дар кофтани чоҳе, бинои вақфе барои муҳтоҷон ва ё ғайра.

Огоҳӣ:
Дар савол омадааст: "Вале шавҳар қудрати пардохти хароҷоти ҳаҷҷи ӯро дошт".
Бояд гуфт, ки бар шавҳар воҷиб нест, ки хароҷоти ҳаҷҷи ҳамсарашро пардохт намояд, агарчи сарватманд ҳам бошад. Балки ин чиз мустаҳаб буда, бар иҷрокунандааш савоб дода мешавад. Илова бар ин, ин амал аз ҷумлаи муошарати нек нисбат ба ҳамсари худ ҳисобида мешавад, вале агар шавҳар ин амалро накунад, гунаҳгор намешавад.
Сарчашма: Сомонаи Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳаҷ кардан бо моли шахси дигар

Савол
Ман бо ҳамроҳи писарам ҳаҷ кардам ва ӯ тамоми хароҷоти ҳаҷро пардохт кард, аммо ман мехостам бо пули худам ҳаҷ кунам. Оё ин бар дурустии ҳаҷҷам таъсире дорад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Ҳеҷ боке надорад, ки инсон бо моли шахси дигаре ҳаҷ кунад, хоҳ он шахс писараш бошад, хоҳ бародараш ва хоҳ

дӯсташ ва ғайра. Ин ба дурустии ҳаҷ таъсире надорад. Аз шартҳои дурустии ҳаҷ ин нест, ки бояд инсон пули худро барои ҳаҷ харҷ кунад.
Аз Кумитаи доимӣ оиди зане пурсиданд, ки мизбон тамоми хароҷоти ҳаҷашро бар ӯҳда гирифтааст. Оё ҳаҷҷи ӯ дуруст аст?
Чунин посух доданд:
Ин ки аз моли худ барои ҳаҷ харҷ накардааст ва ё андаке харҷ кардааст ва бештари хароҷоти ҳаҷҷашро каси дигаре пардохтааст, ба дурустии ҳаҷ таъсире надорад. Аз ин рӯ, агар дар ҳаҷҷаш тамоми шартҳо, рукнҳо ва воҷибҳо риоя шуда бошанд, фаризаи ҳаҷ аз ӯ соқит мегардад, агарчи хароҷоти онро каси дигаре пардохта бошад. Поёни сухан. "Фатово-л-лаҷнату-д-доима" (11/34).

Аз Кумитаи доимӣ (11/36) оиди ҳукми ҳаҷҷе пурсиданд, ки хароҷоти он аз ҷониби ҳоким пардохта шудааст. Чунин посух доданд: Ин барояшон ҷоиз аст ва ҳаҷҷашон бо назардошти умуми далелҳо дуруст аст. Поёни сухан.

Ҳамчунин дар фатовои Кумитаи доимӣ (11/37) омадааст:
Агар фарзанд ҳаҷҷи фаризаро бо пули падараш анҷом бидиҳад, ҳаҷҷаш дуруст мебошад. Поёни сухан.

Ҳамчунин Кумитаи доимӣ (11/40) оиди шахсе, ки дар озмуни динӣ ғолиб мешавад, ки ҷоизааш ҳаҷ аст, мегӯяд:
Ҳаҷҷи шумо дуруст аст ва шумо ҳаҷҷи фарзро адо кардаед. Поёни сухан. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Дар Масҷиду-л-ҳаром зиёд тавоф бикунад ва ё намоз бихонад?

Савол

Оё барои касе, ки дар Макка қарор дорад, беҳтар аст, ки дар Масҷиду-л-ҳаром зиёд намоз бихонад ва ё бисёр тавоф намояд?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намоз дар Масҷиду-л-ҳаром ва тавоф ба Каъба, ҳар дуи онҳо фазилати бузурге доранд. Аҳмад (14284) ва Ибни Моҷа (1406) аз Ҷобир ривоят кардаанд, ки мегӯяд: «Як намоз дар Масҷиду-л-ҳаром беҳтар аст аз сад ҳазор намоз дар масҷидҳои дигар». Ҳофиз гуфтааст: Ровиёни ин ҳадис муътамад мебошанд. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Ирвоу-л-ғалил" (1129) саҳеҳ донистааст.

Тирмизӣ (959) аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят кардааст, ки мегӯяд: Аз Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шунидам, ки мефармуд: «Ҳар кас ба ин хона (Каъба) ҳафтто (яъне ҳафт давр) тавоф бикунад ва онро ҳисоб кунад (яъне онро бо беҳтарин ваҷҳ адо намояд, онро кам ё зиёд накунад ва одоби тавофро риоя намояд), ин ба монанди он аст, ки як ғуломеро озод карда бошад, ҳеҷ қадамеро намегузорад ва қадами дигареро намебардорад, магар ин ки Аллоҳ гуноҳеро аз ӯ пок мекунад ва барояш ҳасанае менависад». Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ донистааст.

Аз Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд: Оё барои муқими Макка тавоф кардан ба Каъба беҳтар аст ва ё намоз хондан?

Чунин посух дод: Аммо дар мавриди бартарии намоз бар тавоф ва ё тавоф бар намоз маҳалли назар аст. (Яъне дар ин масъала тафсилот вуҷуд дорад). Баъзе аз донишмандон гуфтаанд, ки барои мусофир (касе ки муқими Макка нест) беҳтар аст, ки зиёд тавоф намояд, зеро ӯ метавонад намозро дар ҳар макони дигаре анҷом бидиҳад ва намоз махсуси Масҷиду-л-ҳаром нест, аммо тавоф ғайр аз Макка (Каъба) ҳосил нахоҳад шуд. Чун ӯ дар Макка муқим нест, балки аз онҷо меравад ва дур мешавад, аз ин рӯ, ғанимат гирифтани тавоф авлотар аст.

Аммо барои муқими Макка намоз беҳтар аст, зеро намоз аз тавоф афзалтар аст. Пас агар зиёд намоз бихонад, беҳтар мебошад. Поёни сухан бо каме тағйирот.

"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (16/367).

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Оё барои муҳрим ҷоиз аст, ки худро бо соябон (шамсия, чатр) соя кунад?

Савол

Ҳукми истифода бурдани соябон барои муҳрим чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Бардоштани соябон дар болои сар барои ҳимояи худ аз гармии офтоб ҳеҷ боке ва ишколе надорад. Ва ин дар наҳйи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз пӯшонидани сар - яъне сари мардон - ворид нест, зеро пӯшонидан ҳисобида намешавад, балки соя кардан аз офтобу гармӣ мебошад.

Дар "Саҳиҳ"-и Муслим собит шудааст, ки Усома ибни Зайд ва Билол ҳамроҳи Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) буданд. Яке аз онон маҳори шутури Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро гирифта буд ва дигаре либосеро боло

карда, ӯро аз гармӣ мепӯшонид, то он даме ки ӯ ба ҷамараи Ақаба санг партофт.
Дар ривояти дигар омадааст: «Дигаре либоси худро дар болои сари Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бардошта буд, то ӯро аз гармии офтоб нигаҳ дорад».
Ин далолат мекунад, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳоли эҳром ва пеш аз хориҷ шудан аз он, худро дар зери ин либос соя кард". Поёни сухан.
"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (22/ 147, 148).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ӯ пешниҳод мекунад, ки Мино васеъ карда шавад!

Савол
Оё имкон дорад, ки Мино васеъ карда шавад, то он барои ҳамаи ҳоҷиён кофӣ бошад? Зеро бисёре аз ҳоҷиён дар Мино барои худ ҷое ёфта наметавонанд.

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Маконҳову вақтҳои ҳаҷ аз ҷониби шариат муайян карда шудаанд ва дар ин мавзӯъ барои иҷтиҳод ҷое нест. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳаҷҷи видоъро анҷом дод ва дар он ҳаҷ гуфт: «Равиши ҳаҷҷатонро аз ман биёмӯзед, зеро шояд ман баъд аз ин сол бо шумо рӯбарӯ нашавам».
Ва ӯ дар он маконҳо ва вақтҳои ҳаҷро баён кард.
Ҳудуи Мино аз водии Муҳассир то Ҷамараи Ақаба мебошад. Касе, ки ҳаҷ мекунад, бояд барои худ маконеро дар дохили ҳудуди Мино ҷустуҷӯ бикунад. Агар ӯ (дар дохили Мино) маконеро ба даст оварда натавонад, дар

наздиктарин маконе дар канори Мино мемонад ва барои ӯ ҳеҷ чизе воҷиб намегардад.
Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.
Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.
Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз, Шайх Абдураззоқ Афифӣ, Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён. "Фатово-л- лаҷнату-д-доима" (11/265).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб

## Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар ҳоли эҳром либосҳои ранга бипӯшад?

Савол
Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар ҳаҷ либосҳои ранга, ба монанди сафед, сабз ва сиёҳ бипӯшад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Бале, барои зан дар эҳром ҷоиз аст, ки ҳар либосеро ки бихоҳад, бипӯшад, аммо набояд зинати худро дар назди мардони номаҳрам намоён кунад, зеро барои зан либоси махсус барои эҳром вуҷуд надорад, бар хилофи мард, ки ӯ (дар ҳоли эҳром) курта, изор, салла, кулоҳ ва масҳӣ намепӯшад. Аммо дар мавриди зан, пӯшидани дастпӯшак, ниқоб ва ороиши зебу зинат манъ аст". Поёни сухан.
"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (22/181).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Хидматгорзани кофирро ба ҳарам бурдан ҷоиз нест?

Савол

Хидматгорзани кофирро бо худ овардан ва ӯро ба ҳарам ворид сохтан чӣ ҳукм дорад? Агар шахс бо ҳамроҳии хидматгорзани кофир биёяд, чӣ бояд кард?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Чӣ гуна ӯ зани кофиреро ба Масҷиду-л-ҳаром мебарад, дар ҳоле ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

فَلَا يَقْرَبُوا الْمَسْجِدَ الْحَرَامَ بَعْدَ عَامِهِمْ هَذَا التوبة/28

«Пас, баъд аз ин сол набояд ба Масҷиду-л-ҳаром наздик шаванд». (Сураи Тавба: 28).

Ин амал бар ӯ ҳаром аст ва агар фикр кунад, ки ӯ ба ин чиз маҷбур шудааст, ба ӯ мегӯяд: Мусулмон шав. Агар ӯ мусулмон шавад, ин ҳамон чизи талабшуда аст. Агар ӯ мусулмон нашавад, бояд бо ӯ бимонад ва ё ӯро ба сӯи хонаводааш бифиристад.

Аммо дар мавриди бо худ овардани хидматгорзани кофир ба Макка, ин амал ҷоиз нест. Аввал: Ин амал нофармонӣ ба Аллоҳ таъоло аст. Дуввум: Ин амал беэҳтиромӣ нисбати ҳарам мебошад. Бинобар ин, ӯ ва хидматгорзани кофир бармегарданд ва ё ин ки ӯро ба кишвараш мефиристад". Поёни сухан.

"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (23/433).

Барои дарёфти фоида ба ҷавоби саволи рақами (2192) нигаред.

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳоҷие дар Арафот вафот кард, пас оё ҳаҷ аз номи ӯ ба итмом расонида шавад ва ё аз номи ӯ ҳаҷ карда шавад?

Савол

Ҳоҷие дар Арафот вафот кард, пас оё ҳаҷ аз номи ӯ ба итмом расонида шавад ва ё аз номи ӯ ҳаҷ карда шавад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз номи ӯ ҳаҷ карда намешавад, зеро ӯ воҷиби бар зиммаи худ бударо адо намудааст. Ҳангоме ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оиди марде ки дар Арафот аз шутури худ бар замин афтод ва гарданаш шикаст (ва вафот кард), пурсида шуд, ба онон чунин ҷавоб дод: «Ӯро бо обу сидр бишӯед ва дар ду либосаш кафан кунед ва ба ӯ хушбӯӣ назнед ва сарашро напӯшонед, зеро ӯ дар рӯзи қиёмат лабайк гӯён зинда карда мешавад». Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар инҷо нагуфт, ки аз номи ӯ ҳаҷро ба итмом бирасонед. Поёни сухан.

Сарчашма: "Маҷмӯу Фатово"-И Ибни Усаймин, Шумораи 1063. (31/23).

## Оё барои муҳрим нӯшидани қаҳвае, ки дар таркиби он заъфарон вуҷуд дорад, ҷоиз аст?

Савол

Оё барои муҳрим (касе, ки дар эҳром аст) нӯшидани қаҳвае, ки дар таркиби он заъфарон вуҷуд дорад, ҷоиз аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Агар бӯи заъфарон (дар қаҳва) боқӣ монда бошад, барои муҳрим истифодаи он ҷоиз нест, зеро заъфарон яке аз

намудҳои хушбӯӣ аст. Аммо агар бӯи он дар натиҷаи пухтан нопадид шуда бошад, пас дар ин ҳолат ҳеҷ боке надорад". Поёни сухан.
"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (22/160).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳангоми зиёрати қабри паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ гуна ба ӯ салом медиҳам?

Савол

Ман мехоҳам, ки масҷиди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро дар Мадинаи мунаввара зиёрат кунам. Тарзи салом додан ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ гуна аст? Оё зиёрати масҷид воҷиб аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ ва дуруду салом ба расулуллоҳ .. Ва баъд:

Зиёрати масҷиди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) воҷиб нест. Вале ҳар гоҳ ба хотири намоз хондан ба масҷиди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба Мадина сафар карданӣ шавӣ, пас ин амал суннат аст. Ҳар гоҳ ба масҷиди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид шавӣ, дар оғоз намоз бихон ва сипас ба назди қабри паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омада, бигӯ:

السَّلَامُ عَلَيْكَ أَيُّهَا النَّبِيُّ وَرَحْمَةُ اللهِ وَبَرَكَاتُهُ ، وَصَلَّى اللهُ عَلَيكَ وَعَلَى آلِكَ وَأَصْحَابِكَ

"Ассалому алайка айюҳа-н-набийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ. Ва саллаллоҳу алайка ва ало олика ва асҳобик".

*(Эй паёмбар! Салом ва раҳмату баракоти Аллоҳ бар ту бод. Дуруди Аллоҳ бар ту ва бар олу саҳобагонат бод).*

Бар ӯ зиёд дуруду салом бифирист, зеро аз ӯ собит шудааст, ки мефармояд:

«Ва ба ман дуруд бифиристед, зеро дуруди шумо дар куҷое, ки бошед, ба ман мерасад». Ривояти Абудовуд (2042).
Сипас ба Абубакр ва Умар салом бидеҳ ва аз Аллоҳ бипурс, то аз он ду хушнуд гардад. Дастони худоро ба қабр намол ва дар назди қабр дуо макун, балки аз он ҷо баргард ва дар ҳар макони ки бихоҳӣ, дар масҷид ва ғайри масҷид дуо бикун. Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки мефармояд:
«Қофилаи сафар баста намешавад, магар ба се масҷид: Масҷидулҳаром, масҷиди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва масҷиди Ақсо». Ривояти Имом Аҳмад (1751), Бухорӣ (1189) ва Муслим (1397).
Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доимату Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто (9/117).

## Оё бар ҳоҷӣ зарур аст, ки намози иди Азҳо (Қурбон)-ро бихонад?

Савол

Оё бар ҳоҷӣ зарур аст, ки намози иди Азҳо (Қурбон)-ро бихонад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Намози иди Азҳо (Қурбон) бар ҳоҷиён зарур нест, вале касе аз онҳо намози идро ҳамроҳи мардум бихонад, савоб мегирад.
Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.
Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.
Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз.
Шайх Абдурраззоқ Афифӣ . Шайх Абдуллоҳ ибни Қаъуд.

Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто (11/69-70).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Барои вуқуф (истодан) дар Арафа таҳорат шарт нест

Савол
Агар ҳоҷӣ ба тавоф ё Арафот рафта истода бошад ва дар ин ҳолат аз ӯ бод барояд, (яъне таҳорataш шиканад), чӣ кор мекунад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Аввал: Дидгоҳи аксарияти донишмандон ин аст, ки тавоф бе таҳорат дуруст нест. Ихтилофи донишмандон оиди ин масъала дар ҷавоби саволи рақами (34695) пештар баён карда шуд. Касе, ки ба тавоф рафта истода бошаду, вузӯяш бишиканад, пас ӯ рафта вузӯ мегирад, сипас тавофашро шурӯъ мекунад, ки ин бешак авлотар ва эҳтиётноктар аст.

Дуввум: Аммо барои вуқуф (истодан) дар Арафот таҳорат доштан шарт нест. Ҳеҷ боке нест, ки агар ҳоҷӣ бе вузӯ дар Арафот биистад ва барои ӯ вузӯ лозим нест, магар барои намоз. Донишмандон иттифоқ кардаанд, ки вуқуф (истодан)-и зани ҳоиз ва ҷунуб дар Арафот дуруст аст.
Имом Наваӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (8/140) гуфтааст: "Ибни Мунзир фармудааст: Донишмандон иҷмоъ намудаанд, ки вуқуф дар Арафа барои мардону занони ғайри покиза, монанди ҷунуб ва ҳоиз ва дигарон дуруст аст". Поёни сухан.

Бо вуҷуди ин, мустаҳаб аст, ки дар ҳоли покизагӣ аз ҳарду ҳадас, бузургу хурд (ҷанобат ва бе вузӯӣ) дар Арафот биистад, зеро ӯ Аллоҳ таъолоро зикр мекунад ва вузӯ ҳангоми зикри Аллоҳ таъоло мустаҳаб аст.
Ба китоби "Кашшофу-л-қиноъ" (2/494) нигаред.
Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Тасма бастан дар ҳоли эҳром ҳеҷ боке надорад

Савол

Оё тасма бастан ҷоиз аст, то дар он пул ва ҳуҷҷатҳоеро, ки ба он ниёз дорам, гузорам, дар ҳоле ки он тасма дӯхташуда аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Шайх Ибни Усаймин гуфтааст:
Тасма бастан дар болои эзор ҳеҷ боке ва ишколе надорад.
Аммо оиди сухани саволдиҳанда, ки гуфтааст: "Он (тасма) дӯхташуда аст".
Ин сухан бар асоси фаҳмиши нодурусти баъзе аз мардуми авом садо додааст, ки онҳо гумон мекунанд, ки мурод аз он ҳар чизе ки дар он дӯхтание бошад. Чунин нест, балки мақсади донишмандон аз пӯшидани дӯхташуда ҳар либосест, ки бар шакли узви бадан сохта шуда бошад ва ба тарзи одатӣ пӯшида шавад, ба монанди курта, шалвор (эзор, шим), зерпӯш ва мисли он. Мақсади донишмандон ҳар чизе нест, ки дар он дӯхтание бошад. Аз ин рӯ, агар инсон бо ридо ва ё эзори мураққаъ (эҳроми аз порчаҳои матоъҳои гуногун бо ҳам дӯхташуда) ба эҳром дарояд, ҳеҷ ишколе бар ӯ нест, гарчанде ки (порчаҳои гуногун) бо ҳам дӯхта шуда бошад. Поёни сухан.
Сарчашма: "Фатово Аркони-Л-Ислом" (Саҳ 525).

## Тағйир додани либосҳои эҳром

Савол

Оё барои муҳрим, чӣ мард бошад, чӣ зан ҷоиз аст, ки эҳромашро бо эҳроми дигар иваз бикунад, хоҳ дар вақти ҳаҷ бошад ё умра?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои муҳриме, ки ба ҳаҷ ё умра эҳром пӯшидааст, ҷоиз аст, ки либоси эҳроми худро тағйир бидиҳад ва либоси эҳроми дигаре бипӯшад ва ин ба эҳроми ӯ дар ҳаҷ ва ё умра таъсире надорад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.

Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доимату Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто (Фатово-Л-Лаҷна) 11/185.

## Оё барои муҳрим пӯшидани ниқоби тиббӣ ҷоиз аст?

Савол

Оё барои муҳрим (касе, ки дар эҳром аст) пӯшидани ниқоби тиббӣ ҷоиз аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Пӯшидани ниқоби тиббӣ барои муҳрим дар ҳолатҳои зарурӣ ишколе надорад, монанди ин ки инсон дар биниаш ҳассосият (аллергия) дошта бошад ва ба ниқоби тиббӣ эҳтиёҷ дошта бошад ва ё аз назди дуди ғализе гузарад ва ниёз ба ниқоби тиббӣ дошта бошад ва ё ӯ аз канори бӯи бад убур кунад ва ба ниқоби тиббӣ эҳтиёҷ дошта бошад, ҳеҷ боке надорад". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (22/130,131).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Наъно хушбӯӣ нест

Савол

Оё наъно яке аз намудҳои хушбӯӣ ҳисобида мешавад, ки дар эҳром мамнӯъ аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Наъно хушбӯӣ нест, балки он ба райҳони форсӣ монандии зиёд дорад. Райҳони форсӣ ба машмум монанд аст. Гарчанде ки он бӯи гуворо дошта бошад ҳам, он яке аз намудҳои хушбӯӣ нест, баръакси райҳони машҳур, ки тару хушки он хушбӯӣ ҳисобида мешавад.

Сарчашма: Фатовои Шайх Муҳаммад Ибни Иброҳим (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод).

## Шитоб кардан дар анҷом додани фариза

Савол

Оё бароям ҷоиз аст, ки фаризаи ҳаҷро як ё ду сол ба таъхир андозам? Дар ман шарти тавоноӣ (барои адои ҳаҷ) вуҷуд дорад, аммо ман мехоҳам ба дидори хонавода ва ҳамсарам биравам, ки агар имсол фаризаи ҳаҷро адо кунам, ду сол аз онҳо ғоиб хоҳам шуд. Ҳам анҷом додани ҳаҷ ва ҳам дидори хонавода бароям муяссар намешавад. Метавонам фаризаи ҳаҷро адо намоям ва ё ба дидори хонаводаам биравам у, ҳаҷро ба таъхир биандозам. Лутфан ба мо фатво бидиҳед, сипосгузорем.

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мусулмон бояд ба адои фаризаи ҳаҷ чун тавоно бошад, шитоб кунад, зеро ӯ намедонад, ки агар онро ба таъхир бияндозад, сарнавишташ чӣ мешавад. Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلِلَّهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا

سورة آل عمران: ٩٧

«Ва барои Аллоҳ, ҳаҷҷи хона (Каъба) бар мардум воҷиб аст, барои касоне, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошанд». (Сураи Оли Имрон: 97).

Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят шудааст, ки мефармояд:

«Нисбат ба адои ҳаҷ - яъне ҳаҷҷи фарзӣ - шитоб намоед, зеро ҳеҷ яке аз шумо намедонд, ки чӣ пешомаде барояш рух хоҳад дод». Ривояти Имом Аҳмад раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод (1/314). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Ирвоу-л-ғалил" (990) ҳасан донистааст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доимату Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто (11/17).

## Оё иваз кардани либосҳои эҳром ҷоиз аст?

Савол

Ҳангоме, ки дар ҳаҷ будам, дар Мино, дар хоб эҳтилом шудам. Вақте ки аз хоб бедор шудам, ғусл кардам ва либосҳои эҳромро иваз намудам. Оё ман кори дуруст кардаам? Ва оё ҳаҷҷи ман дуруст аст?

Матни ҷавоб

Марбут

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, барои муҳрим ҷоиз аст, ки либосҳои эҳромашро иваз кунад. Мо қаблан фатвои донишмандони Кумитаи доимиро

дар ҷавоби саволи рақами (26722 ) зикр карда будем. Дар ин ҷо фатвои Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод)-ро илова мекунем.

Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин гуфтааст:

Барои муҳриме, ки ба ҳаҷ ё умра эҳром пӯшидааст, хоҳ мард бошад ва хоҳ зан, ҷоиз аст, ки либоси эҳромеро, ки бо он ба эҳром даромадааст, тағйир бидиҳад ва либоси дигаре бипӯшад, дар сурате ки либоси дигар аз либосҳое бошад, ки пӯшидани он барои муҳрим ҷоиз бошад.

"Ал-Манҳаҷу лимуриди-л-ъумрати ва-л-ҳаҷ" (Фоидаи панҷум).

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Фазилати ҳаҷ

Савол

Оё ҳаҷҷи мабрур гуноҳони кабираро мағфират мекунад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки мегӯяд: Аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шунидам, ки мефармояд:«Ҳар кас ҳаҷ кунад ва бадзабонӣ накунаду гуноҳ наварзад, монанди ҳамон рӯзе мегардад, ки модараш ӯро зодааст». Ривояти Бухорӣ (1521) ва Муслим (1350).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Умра то умра каффораи гуноҳонест, ки байни он ду содир мешаванд. Ҳаҷҷи мабрур ҷуз биҳишт дигар подоше надорад». Ривояти Бухорӣ (1773) ва Муслим (1349).

Ҳаҷ ва дигар амалҳои солеҳ аз ҷумлаи сабабҳои маҳв шудани гуноҳонанд, модоме ки банда онро бар равиши

шаръӣ анҷом бидиҳад. Дидгоҳи ҷумҳури донишмандон ин аст, ки амалҳои солеҳ танҳо гуноҳони сағираро каффорат менамоянд. Аммо барои каффораи гуноҳони кабира тавба кардан зарур аст.

Ҳадисеро истидлол намудаанд, ки Муслим онро аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Намозҳои панҷгона, ҷумъа то ҷумъа ва Рамазон то Рамазон поккунандаи гуноҳонест, ки дар миёни онҳо рух додаанд, агар аз гуноҳони кабира дур шавад». Ривояти Муслим (1/209).

Аммо Имом Ибни Мунзир (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ва гурӯҳе аз донишмандон бар ин назаранд, ки ҳаҷҷи мабрур бар асоси зоҳири он ду ҳадиси мазкур тамоми гуноҳонро каффорат мекунад. Аллоҳ донотар аст. Ниг:"Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто" (11/13).

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ӯ ба хотири ҳаҷ ва тиҷорат сафар мекунад

Савол

Оё ҷоиз аст, ки барои ҳаҷ сафар карда, аз Макка молу коло харида, онро дар кишвари худ бифурӯшам, то фоида ба даст биёварам?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Тиҷорат намудан дар мавсими ҳаҷ ҷоиз аст. Табарӣ дар тафсири худ бо санад аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) дар тафсири ояти зерин: «Бар шумо гуноҳе нест, ки (дар мавсими ҳаҷ) аз Парвардигори худ фазл (ва рӯзӣ) талаб намоед (ва тиҷорат бикунед)» ривоят намудааст, ки ӯ

мегӯяд: Хариду фурӯш намудан пеш аз эҳром ва баъд аз он ҳеҷ ишколе надорад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

Сарчашма: Ниг: "Фатово-Л-Лаҷнату-Д-Доимату Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто" (11/13).

## Такрор намудани ҳаҷ

Савол

Оё ҳар сол ҳаҷ намудан барои касе, ки ин корро кардан мехоҳад ва ин амал барои ӯ душвор нест, хуб аст ва ё беҳтар он аст, ки дар ҳар се сол ё ду сол як маротиба анҷом бидиҳад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аллоҳ таъоло ҳаҷро бар ҳар шахси мукаллафу тавоно як маротиба дар умр фарз гардонидааст. Агар беш аз як маротиба анҷом бидиҳад, пас он нофила ва тақаррубест, ки ба василаи он ба Аллоҳ наздиктар мешавад. Барои анҷом додани ҳаҷҷи нофила шумораи муайяне собит нашудааст, балки ба такрор анҷом додани он ба вазъияти молии шахс, саломатӣ ва аҳволи атрофиёнаш, аз қабили хешовандону камбағалон ва ба дигар манфиатҳои уммат, кӯмаки ӯ бар уммат бо ҷону мол ва ба мавкеъияти ӯ дар уммат вобастагӣ дорад, ки оё боқӣ мондани ӯ дар кишвар барои уммат фоидаи бештаре дорад ва ё сафар намудан ба ҳаҷ ва ғайра.

Пас ҳар кас бояд ба шароити худ ва он чи барои ӯ ва уммат беҳтар аст, назар кунад ва онро аз дигар чизҳо муқаддам бидонад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

Сарчашма: Фатово-Л-Лаҷнату-Д-Доимату Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто (11/14).

## Ҳукми бахшидани савоби амали солеҳ ба ҳамаи мусулмонон

Савол

Шахсе дар миқот *(макони эҳромбандии ҳоҷиён)* эҳром пӯшид ва савоби умраро ба мусулмонон ният намуд. Оё умраи ӯ қабул аст? Оё савобаш ба мусулмонон мерасад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Дар масъалаи бахшидани савоби амалҳои солеҳ ба мусулмони зинда ё мурда байни олимон (раҳмати Аллоҳ бар онон бод) ихтилофи назар вуҷуд дорад. Дар гузашта низ дар ин сомона доир ба ин мавзӯъ сухан карда будем. Дидгоҳи дурусттар он буд, ки савоби амалҳо ба майит намерасад, ба ҷуз амалҳое, ки шариат онро истисно намудааст, ба монанди садақа ва дуо, зеро Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَأَنْ لَيْسَ لِلْإِنْسَانِ إِلَّا مَا سَعَى    سورة النجم: 39

«Ва ин ки барои инсон подоше нест, ҷуз он чи худ кардааст». (Сураи Наҷм: 39).

Авлотар ин аст, ки бахшидани савоби амали нек ба тамоми мусулмонон дуруст нест. Балки Шайху-л-ислом Ибни Таймия (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар ин бора гуфтааст, ки чунин тарзи бахшидани савоби амали нек аз ягон гузаштагонамон ворид нашудааст.

Аз Шайху-л-ислом Ибни Таймия пурсиданд: Марде ҳар гоҳ Қуръонро хатм намояд ва ё каме аз он қироат кунад, мегӯяд: Эй Аллоҳ, савоби он чизеро, ки қироат кардам, аз номи ман ҳамчун ҳадя ба расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва ба тамоми мардуми рӯи замин, аз машриқ то мағриб, бирасон. Оё ин ҷоиз ва ё мустаҳаб аст? Оё бояд ба

анҷомдиҳандаи ин амал инкор кард? Оё аз уламои исломӣ касе ин амалро анҷом додааст?

Шайху-л-ислом дар ҷавоби ин савол гуфт: "Бахшидани савоби тиловати Қуръон ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ё ба тамоми мардуми рӯи замин, мисли бахшидани савоби рӯзаи нофила, намози нофила ва ё монанди онҳо мебошад. Ба қавли дигар, мисли бахшидани савоби садақа, озод намудани ғулом ва ҳаҷ ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва ба дигар мусулмонон мебошад. Вале дар ягон ривояте наомадааст, ки яке аз гузаштагон, саҳоба, тобеин ва ё тобиъу-т-тобиъин (пайравони тобеин) чунин карда бошанд. Аз ривоятҳо маълум мешавад, ки нахустарин касе, ки ба ин монанд амалеро анҷом додааст, Алӣ ибни Ал-Муваффақ, яке аз шайхҳо аз табақаи Аҳмаду-л-кибор ва шайхҳои Ҷунайд аст. ...

Вале дар мавриди бахшидани савоби амалҳо ба тамоми мусулмонон, аз касе нашунидаам, ки чунин карда бошад. Инчунин нашунидаам, ки касе савоби амалҳояшро ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бахшида бошад. Ба ҷуз он чизе, ки аз Алӣ ибни Ал-Муваффақ ва ҳаммаслаконаш омадааст. Ба саҳобагону тобеин ва тобиъу-т-тобиъин (пайравони тобеин) пайравӣ намудан авлотар аст. Шоиста аст, ки инсон амалҳои машрӯъ, мисли дуруду салом ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро анҷом бидиҳад, ин ҳамон чизест, ки Аллоҳ (дар Қуръон) ва расули Ӯ дар ҳадисҳо ба он амр намудаанд. Дар ҳадисе омадааст: «Дар шабу рӯзи ҷумъа ба ман зиёд дуруд фиристед, зеро дуруди шумо ба ман пешкаш мешавад».

Дар фазилати дуруд бар паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) - падару модарам фидои ӯ бод - осори зиёде омадааст, ки ин мавзеъ барои зикри он тангӣ мекунад.

Ҳамчунин дуо намудан дар ҳаққи мардону занони мӯъмин ва талаби мағфират кардан барои онҳо, амалҳое ҳастанд, ки ҳам дар Қуръон ва ҳам дар ҳадис омадаанд.
Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَاسْتَغْفِرْ لِذَنْبِكَ وَلِلْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ سورة محمد: 19

«Ва барои гуноҳони худ ва барои мардону занони мӯъмин омурзиш бихоҳ». (Сураи Муҳаммад: 19).
Аз ин рӯ, барои мӯъмин сазовор аст, ки амалҳои шаръиро ҷустуҷӯ намояд. Аллоҳ донотар аст". Поёни сухан аз китоби "Ҷомиъу-л-масоил"-и Ибни Таймия (4/209-213).
Аз ин лиҳоз, савоби умраро ба тамоми мусулмонон бахшидан машрӯъ (мувофиқи шариат) нест. Вале шахсе, ки ин амалро кардааст, дар ҳаққаш дуо мекунем, ки Аллоҳ таъоло барои ин нияти некаш подоши некӯ бидиҳад. Бояд чунин амалро бори дигар анҷом надиҳад ва ба он чизе, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бароямон машрӯъ гардонидааст, иктифо кунад, чуноне ки Шайху-л-ислом гуфтааст: "Барои мӯъмин сазовор аст, ки амалҳои шаръиро ҷустуҷӯ намояд".
Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Сомонаи Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Умра дар тамоми (рӯзҳои) Рамазон мустаҳаб аст

Савол
Оё умра дар даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон мустаҳаб аст?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба анҷом додани умра дар моҳи Рамазон тарғибу ташвиқ намудааст. Бухорӣ (1782) ва Муслим (1256) аз Ибни Аббос ривоят кардаанд, ки

ӯ гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Умра дар Рамазон баробари як ҳаҷ аст».
Ин ҳамаи (рӯзҳои) Рамазонро дарбар мегирад ва махсуси даҳаи охири Рамазон намебошад.
Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Фавран воҷиб шудани ҳаҷ

Савол

Оё ба шахси тавоно бар ҳаҷ, ҷоиз аст ки ҳаҷро ба чанд соли оянда ба таъхир бияндозад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Касе, ки қудрати ҳаҷ карданро дошта бошад ва шартҳои воҷибшавии он дар ӯ комил шуда бошанд, ҳаҷ бар ӯ фавран воҷиб гардида, таъхири он ҷоиз нест.

Ибни Қудома (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Муғнӣ" гуфтааст: Касе, ки барояш ҳаҷ воҷиб гардад ва имконияти иҷрои онро дошта бошад, ҳаҷ бар ӯ фавран воҷиб шуда, ба таъхир андохтани он ҷоиз нест. Ин қавлро Абуҳанифа ва Молик бар асоси ояти зерин гуфтаанд, ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَللهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلاً وَمَنْ كَفَرَ فَإِنَّ اللهَ غَنِيٌّ عَنِ الْعَالَمِينَ
آل عمران/٩٧

Ва барои Аллоҳ, ҳаҷҷи хона (Каъба) бар мардум воҷиб аст, барои касоне, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошанд ва ҳар ки куфр варзад, бе шак, Аллоҳ аз ҷаҳониён бениёз аст. (Сураи Оли Имрон: 97).

(Инҷо бо сиғаи "амр" омадааст). Амр бояд фавран иҷро карда шавад.

Инчунин аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят шудааст, ки фармудааст:

"Касе, ки ҳаҷ карданӣ бошад, бояд шитоб кунад". Ривояти Имом Аҳмад, Абудовуд ва Ибни Моҷа.
Дар ривояти Аҳмад ва Ибни Моҷа (сабаби шитоб кардан баён шуда) чунин омадааст: "Зеро шояд бемор аз нав бемор шавад, ё чизе гум шавад ва ё ҳоҷате пайдо шавад".
Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳи Ибни Моҷа" ҳасан хондааст.
То инҷо суханони Ибни Қудома бо каме тағйирот ба итмом расид.
Маънои ибораи "Амр бояд фавран иҷро карда шавад" чунин аст: Бар шахси мукаллаф анҷоми додани амр замоне, ки қудрати иҷрои онро пайдо кунад, воҷиб аст ва барояш ба таъхир андохтани он бе узр ҷоиз нест.
Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод)-ро пурсиданд: Оё бар шахс воҷиб аст, ки ҳаҷро фавран анҷом бидиҳад, ё ин ки метавонад онро ба таъхир биёндозад?
Дар ҷавоб гуфт: "Дидгоҳи саҳеҳ ин аст, ки ҳаҷ фавран воҷиб аст ва ба инсоне, ки тавоноии ҳаҷҷи хонаи Аллоҳро дорад, барояш ҷоиз нест, ки онро ба таъхир биёндозад. Инчунин ҳамаи воҷибҳои шариат модоме ки ба ягон вақт ё сабабе алоқаманд нашуда бошанд, фавран воҷиб мебошанд". Поёни сухан. "Фатово Ибни Усаймин" (13/21).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ба таъхир андохтани ҳаҷ бе узр

Савол

Ҳукми касе, ки бар ҳаҷ қудрату тавоноӣ дошта бошад ва онро бе узр ба таъхир андозад, чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳамду сано барои Аллоҳ ва дуруду паём бар расулуллоҳ ва баъд:
Касе, ки бар ҳаҷ тавоноӣ дошта бошад ва ҳаҷҷи фаризаро анҷом надиҳад ва онро бе узр ба таъхир андозад, муртакиби гуноҳи бузурге ва маъсияти калоне шудааст. Бар ӯ воҷиб аст, ки ба сӯи Аллоҳ аз он тавба намояд ва ба ҳаҷ шитоб бикунад. Зеро Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلِلَّهِ عَلَى ٱلنَّاسِ حِجُّ ٱلْبَيْتِ مَنِ ٱسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا وَمَن كَفَرَ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَنِيٌّ عَنِ ٱلْعَٰلَمِينَ
آل عمران/٩٧

Ва барои Аллоҳ, ҳаҷҷи хона (Каъба) бар мардум воҷиб аст, барои касоне, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошанд ва ҳар ки куфр варзад, бе шак, Аллоҳ аз ҷаҳониён бениёз аст. (Сураи Оли Имрон: 97).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Ислом бар панҷ чиз бино шудааст: Шаҳодат додан бар ин ки ҳеҷ маъбуде ба ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст ва барпо доштани намоз ва додани закот ва рӯзаи Рамазон ва ҳаҷҷи хона (Каъба)".
Бар саҳеҳ будани ин ҳадис иттифоқ кардаанд.
(Бухорӣ; 8. Муслим; 16).

Ҳангоме, ки Ҷабраил (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оиди ислом пурсид, дар ҷавоб гуфт: "Шаҳодат бидиҳӣ, ки ҳеҷ маъбуде ба ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст ва намозро барпо намоӣ ва закотро бидиҳӣ ва Рамазонро рӯза бигирӣ ва хона (Каъба)-ро ҳаҷ намоӣ, агар тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошӣ". Муслим ин ҳадисро дар "Саҳиҳ"-и худ (8) аз Умар ибни Хаттоб (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст.

Аллоҳ соҳиби тавфиқ аст. Поёни сухан.
Сарчашма: "МАҶМӮУ ФАТОВО ВА МАҚОЛОТУН МУТАНАВВИА"-И ШАЙХ АБДУЛАЗИЗ ИБНИ БОЗ (РАҲМАТИ АЛЛОҲ БАР Ӯ БОД) (16/359).

## Ӯ ба синни балоғат расид, вале пеш аз мавсими ҳаҷ вафот кард

Савол

Духтари ӯ ба синни балоғат расид, сипас пеш аз омадани мавсими ҳаҷ вафот кард. Оё воҷиб аст, ки аз номи ӯ ҳаҷ намояд?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Мо ин саволро ба Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин пешниҳод кардем, (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) чунин ҷавоб дод:
Оё аз ӯ ягон мол ё сарвате боқӣ мондааст?
Агар ҷавоб "бале" бошад.
Шайх чунин посух дод:
Аз номи ӯ ҳаҷ карда шавад. Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Шайх Муҳаммад Ибни Солеҳ Ал-Усаймин.

## Кай ҳаҷ фарз шуд?

Савол

Дар кадом соли ҳиҷрӣ ҳаҷ фарз карда шуд?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Донишмандон дар мавриди соле, ки ҳаҷ дар он сол фарз карда шудааст, ихтилоф кардаанд. Бархе гуфтаанд, ки дар соли панҷум, бархеи дигар гуфтаанд, дар соли шашум фарз шудааст. Гурӯҳе гуфтаанд, дар соли нӯҳум, гурӯҳи дигар

гуфтаанд, ки дар соли даҳум фарз гардидааст. Наздиктарини он ба ҳақиқат (ва саҳеҳтарини он) ду дидгоҳи охирин аст, ки ҳаҷ дар соли нӯҳум ё даҳум фарз карда шудааст.

Далел сухани Аллоҳ таъоло аст, ки фармудааст:

وَلِلَّهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا

Ва барои Аллоҳ, ҳаҷҷи хона (Каъба) бар мардум воҷиб аст, барои касоне, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошанд. (Сураи Оли Имрон: 97).

Дар ин оят воҷиб будани ҳаҷ баён шудааст. Ин оят дар ому-л-вуфуд (соли намояндагон, соле ки намояндагони қабилаҳо назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омаданд ва мардум гурӯҳ-гурӯҳ исломро қабул карданд) охирҳои соли нӯҳум нозил шудааст. Аз ин рӯ, ҳаҷ дар охирҳои соли нӯҳум фарз гардидааст.

Ба китоби "Зоду-л-маод" (3/595) нигар.

Аллоҳ донотар аст. Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

Ба фатовои кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ (10/11) нигар.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳаҷ чист?

Савол

Ҳаҷ чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳаҷ ин қасд намудани Каъба, хонаи Аллоҳ (масҷиду-л-ҳаром) барои адо намудани маносики ҳаҷ мебошад. Он гуфтору кирдори паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар сифати ҳаҷ, ба монанди ҳафт маротиба тавоф намудани

хонаи Каъба, ҳафт маротиба саъй кардан байни кӯҳи Сафо ва Марва, вуқуф намудан (истодан) дар Арафот, санг партофтан ба Ҷамарот дар Мино ва ғайра мебошад. Ҳаҷ барои бандагон фоидаҳои бузурге дорад, аз ҷумла эълони ягонагии Аллоҳ таъоло, мағфирати бузург барои ҳоҷиён, шиносоӣ байни мусулмонон, омӯхтани аҳкоми дин ва ғайра.Таваҷҷӯҳи ту бо савол додан оиди ҳаҷ, эй ҷавон, бо вуҷуди хурдсолӣ ва дурии макони зисти ту (Канада), ин чизи хубест, ки бояд қадрдонӣ карда шавӣ.

Аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки бароят ҳаҷҷи хонаи худ ва адо намудани фаризаашро муяссар гардонад. Дуруди Аллоҳ ба паёмбарамон Муҳаммад бод.

Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид.

## Зане як чанд маротиба умра намудааст, вале мӯи сарашро кӯтоҳ накардааст. Пас ҳукми он чист?

Савол

Ҳукми зане, ки як ё чанд маротиба умра намудааст, вале мӯи сарашро кӯтоҳ накардааст, чист? Баъд аз он, ӯ беш аз як умра анҷом дод ва мӯи сарашро кӯтоҳ кард. Оё ба хотири хатогие, ки дар гузашта рӯй дод, чизе бар ӯ воҷиб аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Касе воҷибе аз воҷибҳои ҳаҷ ё умра аз қабили тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сарро тарк кунад, пас бар асоси дидгоҳи донишмандон бояд фидя бидиҳад, ки дар Макка забҳ карда шавад ва (гӯшти он) ба фақирон тақсим карда шавад.

Аз Шайх Ибни Усаймин пурсиданд: Касе умра кунад, вале аз рӯи фаромӯшӣ ё нодонӣ мӯи сарашро натарошад ва ё кӯтоҳ накунад, ҳукми умрааш чист?
Чунин посух дод: Умра дуруст аст, гарчанде ки мӯи сарашро натарошида ва ё кӯтоҳ накарда бошад, зеро тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯй яке аз рукнҳои умра намебошад, балки аз воҷибҳои он аст. Агар инсон онро аз рӯи фаромӯшӣ тарк кунад, дар ин сурат, ҳар гоҳ ба ёд орад, мӯи сарашро метарошад, ба ҷуз дар ҳолате ки вақти он гузарад. Дар ин сурат, фидяеро дар Макка забҳ мекунад ва гӯшти онро ба фақирон садақа менамояд. Модоме ки ӯ аз рӯи фаромӯшӣ ё нодонӣ тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯи сарро тарк кардааст, дар ин ҳолат гуноҳе бар ӯ нест. Поёни сухан.
"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (22/466) 1000.
Ҳамчунин аз ӯ пурсиданд: Марде пас аз анҷом додани тавофу саъй аз умра баромад (яъне аз эҳром хориҷ шуд), вале мӯи сарашро натарошид ва кӯтоҳ накард ва сипас барои ҳаҷ эҳром баст. Чӣ чиз бар ӯ лозим аст?
Чунин посух дод:
Ба назар мерасад, ки ӯ дар таматтуъ боқӣ мемонад, вале ӯ ба хотири тарк намудани тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯи сар бояд фидя бидиҳад. Бар асоси дидгоҳи машҳур дар байни фақеҳон, ки дар ҳангоми тарк намудани фариза фидя лозим аст. Агар сарватманду тавоно бошад, бояд дар Макка фидяеро забҳ кунад ва ҳамаи гӯшти онро ба фақирон тақсим кунад. Агар ба ин кор тавоноӣ надошта бошад, пас дар ин ҳолат, ҳеҷ чизе бар ӯ воҷиб нест. Аммо дар мавриди маносики ҳаҷҷи ӯ бошад, он таматтуъ аст, зеро ин нияти ӯ буд. Поёни сухан.
"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (22/468) 1004.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳукми бӯса кардани пардаи Каъба, Мусҳаф ва ҳаҷару-л-асвад

Савол

Ҳукми бӯса кардани пардаи Каъба, ҳаҷару-л-асвад ва Мусҳаф чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бӯса кардани тамоми маконҳои замин ба ҷуз ҳаҷару-л-асвад бидъат мебошад. Агар пайравӣ (аз паёмбар) намебуд, бӯсидани Ҳаҷару-л-асвад низ бидъат мешуд. Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) мегуфт: «Ман медонам, ки ту санге ҳастӣ, ки на зараре мерасонӣ ва на манфиате медиҳӣ. Агар паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) туро намебӯсид, ман ҳам туро намебӯсидам».

Аз ин рӯ, бӯсидани пардаи Каъба, сангҳо, рукни ямонӣ ва ё Мусҳаф ҷоиз нест ва ҳамчунин даст молидан ба он ба нияти табаррук ҷоиз нест, зеро ҳадаф аз даст молидан ин танҳо ба хотири ибодат аст.

Сарчашма: Шайх Муҳаммад Ибни Солеҳ Ал-Усаймин (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод).

## Зиёрати қабристонҳои шаҳидон

Савол

Ҳукми зиёрати баъзе қабристонҳои Мадина, аз қабили Бақеъ ва шаҳидони Уҳуд чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Зиёрати қабрҳо дар ҳама ҷо суннат аст, алалхусус зиёрати Боқеъ, ки бисёре аз саҳобагон (Аллоҳ аз онҳо хушнуд бод) дар онҷо дафн карда шуданд, аз ҷумла амири мӯъминин

Усмон ибни Аффон (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод), ки қабри ӯ дар онҷо маълум аст.
Инчунин суннат аст, ки ба сӯи Уҳуд равона шавад, то қабрҳои шаҳидон, аз ҷумла қабри Ҳамза ибни Абдулмутталиб, амаки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро зиёрат намояд. Инчунин шоиста аст, ки масҷиди Қуборо зиёрат кунад. Вузӯ карда (аз хонаи худ) мебарояд ва дар онҷо ду ракъат намоз мехонад, зеро дар ин амал фазилати бузург вуҷуд дорад. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Намоз дар масҷиди Қубо ба монанди умра аст». "Саҳиҳу-т-тарғиб" (1180).
Инчунин расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Касе дар хонаи худ таҳорат бикунад, сипас ба масҷиди Қубо биёяд ва дар онҷо намозе бихонад, ба ӯ савоби умра дода мешавад». "Саҳиҳу-т-тарғиб" (1181).

Дар Мадина ғайр аз маконҳои зерин дигар макони зиёратӣ вуҷуд надорад: Масҷиди Набавӣ, қабри паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод), Бақеъ, шаҳидони Уҳуд ва Масҷиди Қубо. Аммо ба ғайр аз маконҳои мазкур зиёратгоҳҳои дигар, ба монанди масҷидҳои ҳафтгона ва масҷиди Ғамома ҳеҷ асосе надорад ва зиёрати онҳо бо ҳадафи ибодати Аллоҳ бидъат аст, зеро он аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид нашудааст. Барои ҳеҷ кас ҷоиз нест, ки бе далели шаръӣ барои замон ё макон ё амале собит намояд, ки анҷом додан ё қасд намудани он ибодат аст.
Сарчашма: Поёни Сухан Аз Гуфтори Шайх Муҳаммад Ибни Усаймин (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод)- Китоби "Далилу-Л-Ахтои-Л-Латӣ Яқаъу Фиҳа-Л-Ҳоҷҷу Ва-Л-Муътамир".

## Ҳукми забҳи ҳадй дар ғайри Макка

Савол

Баъзе ҳоҷиён маблағеро ба баъзе ташкилотҳои хайриявӣ медиҳанд, ки забҳи ҳадй ва тақсими онро дар шарқу ғарби замин ба ӯҳдаи худ мегиранд. Аллоҳ ба шумо савоб бидиҳад, ҳукми ин амал чист?

(Ҳадй: Гӯсфанд ё гов ё шутуре, ки ҳоҷиён дар Макка қурбонӣ менамоянд).

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин савол ба Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пешниҳод карда шуд, дар ҷавоб гуфт:

"Ин амал хато ва мухолифи шариати Аллоҳ ва фиреб намудани бандагони Аллоҳ аст, зеро макони забҳи ҳадй Макка мебошад. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳадйи худро танҳо дар Макка забҳ мекард ва дар Мадина ва ё дар дигар кишварҳои исломӣ забҳ намекард. Донишмандон инро равшан баён намуда, гуфтаанд: Забҳи ҳадйи тамматтӯъ, қирон ва ҳадйи воҷиб барои тарк кардани воҷиб, воҷиб мегардад – бояд дар Макка забҳ карда шавад. Аллоҳ онро дар ҷазои шикор зикр намудааст.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

يَحۡكُمُ بِهِۦ ذَوَا عَدۡلٖ مِّنكُمۡ هَدۡيَۢا بَٰلِغَ ٱلۡكَعۡبَةِ

مائدة: ٩٥.

Ду нафари одил аз шумо ба он ҳукм кунанд ва ҳадйро (қурбониро ба камбағалони) Каъба бирасонад.

(Сураи Моида: 95).

Пас ҳарончи ки дар шариат ба маконҳои муайяне муқайяду пойбанд шуда бошад, ҷоиз нест, ки он ба ҷои дигаре интиқол дода шавад, балки воҷиб аст дар ҳамон ҷой бошад. Аз ин хотир воҷиб аст, ки ҳадйҳо дар Макка забҳ карда шаванд ва дар Макка тақсим карда шаванд. Агар фарз

кардем ҳеҷ касе дар Макка ёфта нашавад, ки онро қабул кунад, ки албатта ин гуна фарзу гумон, шояд номумкин бошад. Дар ин ҳолат ҳеҷ боке нест, ки дар Макка забҳ шаваду, гӯшти он ба дигар кишварҳои исломӣ, ба касоне, ки ба он мӯҳтоҷанд, фиристода шавад. Аввалан ба наздиктарин минтақаҳо, ё ба мӯҳтоҷтарин шахсон, шурӯъ шавад".
Сарчашма: КИТОБИ ДАЛИЛУ-Л-АХТОИ-Л-ЛАТӢ ЯҚАЪУ ФИҲА-Л-ҲОҶҶУ ВА-Л-МУЪТАМИР.

## Зиёрати қабри паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) барои занон ҳаром аст

Савол
Оё зиёрати қабри паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) барои занон ҷоиз аст?
Матни ҷавоб. Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Ин амал барои онҳо ҷоиз нест, бо сабаби умуми ҳадисҳои воридшуда оиди манъи занон аз зиёрати қабрҳо ва лаънат намудани онҳо барои зиёрати он. Ихтилоф дар мавриди зиёрати қабри паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) барои занон машҳур аст. Вале тарк намудани он эҳтиётноктар ва ба суннат мувофиқтар аст, зеро расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) қабри худ ва қабри дигаронро истисно накардааст. Балки ононро ба таври ом манъ кардааст ва занонеро, ки он амалро кардаанд, лаънат намудааст. Воҷиб аст, ки ба умум амал карда шавад, модоме нассе (далеле) набошад, ки қабри паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро хос намояд. Ҳеҷ далеле нест, ки қабри паёмбарро хос намояд. Аллоҳ соҳиби тавфиқ аст. Поёни сухан. Сарчашма: ФАТОВО-Ш-ШАЙХ ИБНИ БОЗ (17/419).

## Оё бадӣ ва некӣ дар Рамазон дучанд мешаванд?

Савол

Оё дуруст аст, ки бадӣ дар Рамазон дучанд мешавад, чуноне ки некӣ дучанд мешавад? Оё далеле бар он омадааст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, некӣ ва бадӣ дар замону макони бофазилат дучанд мешаванд. Вале байни дучанд шудани некӣ ва бадӣ фарқе вуҷуд дорад. Некӣ ҳам дар адад ва ҳам дар сифат дучанд мешавад. Некӣ дар адад дучанд мешавад, як некӣ даҳ баробар ё зиёда аз он мегардад. Аммо аз ҷиҳати сифат бошад, савоби он бузург ва бисёр мешавад. Бадӣ бошад, дучанд шудани он танҳо дар сифат мебошад, яъне гуноҳи он бузургтар ва ҷазои он шадидтар мегардад. Вале аз ҷиҳати адад як бадӣ, як бадӣ боқӣ мемонад ва ҳеҷ гоҳ аз он зиёд намешавад.

Дар "Матолибу ули-н-нуҳо" (2/385) омадааст: "Некӣ ва бадӣ дар макони бофазилат, ба монанди Макка, Мадина, Байту-л-мақдис ва дар масҷидҳо дучанд мешаванд. Инчунин дар замони бофазилат, ба монанди рӯзи ҷумъа, моҳҳои ҳаром ва Рамазон дучанд мегарданд. Оиди дучанд шудани некӣ ҳеҷ ихтилофе нест. Аммо дар мавриди дучанд шудани бадӣ, гурӯҳе аз донишмандон ба Ибни Аббос ва Ибни Масъуд пайравӣ намуда, гуфтаанд, ки бадӣ низ дучанд мешавад . . . Баъзе аз муҳақиққон гуфтаанд: Сухани Ибни Аббос ва Ибни Масъуд (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) оиди дучанд шудани бадиҳо, ин дучанд шудани сифати он аст, на адади он. Поёни сухан.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсида шуд: "Оё мусулмон бо сабаби рӯза каффораи гуноҳҳои сағира ва кабираро ба даст меорад? Оё гуноҳи амали бад дар Рамазон дучанд мешавад?"

Дар ҷавоб гуфт: "Барои мусаумон дар Рамазон ва ғайри Рамазон машрӯъ аст, ки бо нафси худ, ки ба корҳои бад амр мекунад, мубориза барад, то нафси ӯ нафси ором, амркунанда ба амалҳои нек ва дӯстдори он гардад. Бар ӯ воҷиб аст, ки бо душмани Аллоҳ, Иблис мубориза барад, то аз бадиву васвасаҳояш эмин монад. Мусулмон дар ин дунё дар муборизаи бузурги доимӣ бо нафс, ҳавову ҳавас ва шайтон қарор дорад. Бар ӯ зарур аст, ки ҳама вақт тавбаву истиғфори зиёд намояд. Вале вақтҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Моҳи Рамазон беҳтарин моҳи сол аст. Он моҳи раҳмату мағфират ва наҷот аз дӯзах аст. Ҳар гоҳ моҳ бофазилат бошад ва инчунин макон ҳам бофазилат бошад, некиҳо дар он дучанд мешаванд ва гуноҳи бадиҳо дар он бузургтар мешавад. Гуноҳи бадиҳо дар Рамазон аз гуноҳи бадии моҳҳои дигар бузургтар аст, чуноне ки савоби тоатҳо дар Рамазон назди Аллоҳ аз савоби тоатҳои моҳҳои дигар бузургтар аст. Чун Рамазон дорои чунин мақоми баланд аст, тоатҳо дар ин моҳ фазилати бузург доранд ва савобҳо якчанд маротиба зиёд мешаванд. Ҳамчунин гуноҳи бадиҳо нисбат ба дигар вақт бузургтар ва шадидтар аст. Бар мусаумон воҷиб аст, ки ин моҳи муборакро бо анҷом додани корҳои накӯ ва шоиста ғанимат бигирад ва аз бадиҳо дур бошад, шояд ки Аллоҳ таъоло аз ӯ бипазирад ва ӯро бар ҳақиқат устувор намояд. Вале бадӣ ҳамеша ба як бадӣ баробар аст ва адади он дар Рамазон ва дар дигар моҳҳо низ дучанд намешавад. Аммо савоби некӣ бо даҳ

баробар ва бештар аз он дучанд мешавад, зеро Аллоҳ таъоло дар сураи Анъом фармудааст:

مَنْ جَاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ عَشْرُ أَمْثَالِهَا وَمَنْ جَاءَ بِالسَّيِّئَةِ فَلا يُجْزَى إِلا مِثْلَهَا وَهُمْ لا يُظْلَمُونَ الأنعام / 160

«Ҳар кас кори неке анҷом бидиҳад, пас даҳ баробар ба ӯ подош диҳанд ва ҳар кас кори баде анҷом бидиҳад, танҳо монанди он ҷазо бинад ва ба онон ситаме нахоҳад шуд». (Сураи Анъом: 160).

Оятҳо дар ин маъно зиёданд.

Инчунин некиҳо дар макони бофазилат, ба монанди ду ҳарам (Маккаву Мадина) ҳам дар адад ва ҳам дар сифат якчанд баробар зиёд мешаванд. Аммо бадиҳо бошанд, аз ҷиҳати адад дучанд намешаванд, вале аз ҷиҳати сифат вобаста ба замону макони бофазилат дучанд мешаванд, чуноне ки қаблан ишора карда шуд. Аллоҳ соҳиби тавфиқ аст.

Поёни сухан аз китоби "Маҷмӯу фатово ва мақолотун мутанаввиа" (15/446).

Шайх Ибни Усаймин дар "Аш-шарҳу-л-мумтиъ" (7/262) гуфтааст:Некию бадӣ вобаста ба макону замони бофазилат дучанд мешаванд.

Некӣ ҳам дар адад ва ҳам дар сифат дучанд мешавад. Аммо бадӣ бошад, дар сифат дучанд мешавад, на дар адад, зеро Аллоҳ таъоло дар сураи Анъом, ки он дар Макка нозил шудааст, мефармояд:

مَنْ جَاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ عَشْرُ أَمْثَالِهَا وَمَنْ جَاءَ بِالسَّيِّئَةِ فَلا يُجْزَى إِلا مِثْلَهَا وَهُمْ لا يُظْلَمُونَ الأنعام / 160

«Ҳар кас кори неке анҷом бидиҳад, пас даҳ баробар ба ӯ подош диҳанд ва ҳар кас кори баде анҷом бидиҳад, танҳо

монанди он ҷазо бинад ва ба онон ситаме нахоҳад шуд». (Сураи Анъом: 160).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَنْ يُرِدْ فِيهِ بِإِلْحَادٍ بِظُلْمٍ نُذِقْهُ مِنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ الحج/25.

«Ва ҳар ки дар он ҷо қасди каҷравӣ ё ситамкорӣ дошта бошад, аз азоби дардовар ба ӯ мечашонем».

(Сураи Ҳаҷ: 25).

Аллоҳ нагуфтааст, ки гуноҳашро дучанд мегардонем, балки гуфтааст: «аз азоби дардовар ба ӯ мечашонем». Аз ин рӯ, дучанд шавии бадӣ дар Макка ё дар Мадина дучанд шавӣ дар сифат мебошад. Ба ин маъно аст, ки дарду алами он сахттар мебошад, зеро Аллоҳ фармудааст:

. وَمَنْ يُرِدْ فِيهِ بِإِلْحَادٍ بِظُلْمٍ نُذِقْهُ مِنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ الحج/25

«Ва ҳар ки дар он ҷо қасди каҷравӣ ё ситамкорӣ дошта бошад, аз азоби дардовар ба ӯ мечашонем».

(Сураи Ҳаҷ: 25).

Поёни сухан. Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Иҷозати волидайн (падару модар) барои ҳаҷҷи нофила ва фариза

Савол

Оё ӯ метавонад бе иҷозати волидайни худ ҳаҷ кунад ва ҳаҷҷи ӯ дуруст ҳисобида мешавад ва оё ӯ метавонад бе иҷозати онҳо ба талаби илм барояд ва оё онҳо (падару модар) барои манъ намудани ӯ (аз ҳаҷ ва талаби илм) гунаҳкор мешаванд?

Матни ҷавоб
Волидайн метавонанд ӯро аз ҳаҷҷи нофила манъ кунанд ва онҳо бо ин амалашон гунаҳкор намешаванд. Аммо онҳо хақ надоранд, ки ӯро аз ҳаҷҷи фариза манъ кунанд ва барои манъ намудани ӯ гунаҳкор мешаванд. Агар бе иҷозати онҳо (падару модар) ҳаҷ кунад, ҳаҷҷи ӯ комилан дуруст аст, гарчанде ки ӯ дар анҷоми ҳаҷҷи нофила нофармон бошад ҳам. Ӯ ҳақ дорад, ки бе иҷозати онҳо ба талаби илм сафар бикунад.
Сарчашма: Аз Китоби Фатовои Имом Нававӣ, Саҳ 94.

## Шартҳои фарз шудани ҳаҷ

Савол
Шартҳои фарз шудани ҳаҷ кадомҳоянд?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Донишмандон (раҳмати Аллоҳ бар онҳо бод) шартҳои фарз шудани ҳаҷро зикр кардаанд, ки дар сурати муҳайё гардидани он назди шахси мусулмон адо кардани ҳаҷ барояш фарз мешавад ва бе вуҷуди он фарз намешавад.
Ин шартҳо панҷто мебошанд:
(1). Ислом (мусулмон будан).
(2). Ақл (солимақл будан).
(3). Булуғ (ба балоғат расидан).
(4). Озодӣ (озод будан).
(5). Тавоноӣ.

1. Ислом (мусулмон будан).
Ин шарт дар ҳамаи ибодатҳо ҳатмӣ аст, зеро ибодат аз кофир қабул нест. Зеро Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَا مَنَعَهُمْ أَنْ تُقْبَلَ مِنْهُمْ نَفَقَاتُهُمْ إِلا أَنَّهُمْ كَفَرُوا بِاللَّهِ وَبِرَسُولِهِ
التوبة/54

“Хеҷ чиз монеи қабули садақаҳои онҳо нашуд, ҷуз ин ки онҳо ба Аллоҳ ва пайғамбараш кофир шуданд”.

(Сураи Тавба: 54).

Дар ҳадиси Муоз, ҳангоме ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ӯро ба Яман фиристод, омадааст:

"Ту ҳоло назди қавме меравӣ, ки онҳо аз аҳли китобанд. Аввал  ононро ба шаҳодат додан бар ин ки ҷуз Аллоҳ дигар маъбуде барҳақ нест ва ман фиристодаи Аллоҳ мебошам, даъват кун. Агар онҳо инро қабул кунанд, баъд ба онҳо хабар бидеҳ, ки Аллоҳ бар онҳо дар як шабонарӯз панҷ вақт намозро фарз кардааст. Агар онҳо инро қабул кунанд, баъд ба онҳо хабар бидеҳ, ки Аллоҳ бар онҳо садақаеро фарз кардааст, ки аз сарватмандонашон гирифта шуда, ба камбағалонашон дода мешавад".

Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Бинобар ин шахси кофир аввал ба мусулмон шудан даъват карда мешавад. Агар Исломро бипазирад, баъд ӯро ба намозу закот ва рӯзаву ҳаҷ ва дигар ибодатҳо амр мекунем.

2 . Ақл (солимақл будан).
3.Булуғ (ба балоғат расидан).
Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:
"Қалам аз се кас бардошта шудааст: Аз хобида то бедор шавад, аз кӯдак то ба балоғат бирасад ва аз девона то солимақл шавад".  Ривояти Абудовуд (ҳадиси 4403). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳи Абудовуд" саҳеҳ шуморидааст.

Бинобар ин, ҳаҷ бар кӯдак фарз нест, вале агар дар сурати ҳаҷ кардани валияш бо ӯ, ҳаҷҷи ӯ дуруст буда, савоби ҳаҷ ба ӯ ва ҳам ба валияш дода мешавад. Зеро ҳангоме, ки зане кӯдакеро ба Паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) баланд карда гуфт: “Оё барои ин ҳаҷ аст? Фармуд: Бале. Ва барои ту аҷр аст”. Ривояти Муслим.

4. Озодӣ (озод будан).
Ҳаҷ ба ғулом фарз нест, зеро ки ӯ машғули адо намудани ҳаќи хоҷаи худ аст.

5. Тавоноӣ (қудрат).
Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَللهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا
آل عمران / ٩٧

Ва барои Аллоҳ, ҳаҷҷи хона (Каъба) бар мардум воҷиб аст, барои касоне, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошанд. (Сураи Оли Имрон: 97).

Мурод аз тавоноӣ, ки дар ин оят омадааст, тавоноии ҷисмонӣ ва ва ҳам тавоноии молӣ мебошад. Зери мафҳуми тавоноии ҷисмонӣ касе дар назар дошта шудааст, ки дорои ҷисми солим бошаду қудрати таҳаммули машаққати сафар ба хонаи Аллоҳро дошта бошад.
Аммо тавоноии молӣ бошад, манзур аз он дорои харҷи рафтуомади хонаи Аллоҳ мебошад.

Дар фатвои Кумитаи доимии фатво (11/30) омадааст:
"Мақсад аз тавоноӣ барои ҳаҷ ин аст, ки шахс бояд тансиҳат бошад ва барои ба хонаи Аллоҳ рафтан васоили нақлиёте, мисли ҳавопаймо ё мошин ва ё чорпо дошта бошад ва ё бо назардошти ҳолати худ роҳкирои яке аз намуди ин нақлиётро дошта бошад. Инчунин бояд бо худ тӯшаи

рафтуомад дошта бошад. Ин ғайр аз он маблағе, ки аҳлу аёли ӯ то баргаштанаш харҷ мекунанд. Бояд ҳамроҳи зан шавҳар ва ё ягон маҳрами дигараш бошад, ҳатто дар сафари ҳаҷҷу умра (бояд ҳамроҳи зан шавҳар ва ё ягон маҳрами дигараш бошад)". Поёни сухан.

Яке аз шартҳои дигари ҳаҷ ин аст, ки маблағи ба сафари ҳаҷ сарф мекардааш аз эҳтиёҷоти зарурӣ ва нафақаи шаръиву адо намудани қарзаш зиёдтар бошад. Мақсад аз қарзҳо, ин ҳаққҳои Аллоҳ, монанди пардохти каффорот ва ҳам ҳаққҳои мардум аст. Аз ин лиҳоз, шахсоне, ки қарздор ҳастанд ва пулашон барои ҳаҷ ва пардохти қарз кифоя нест, бояд аввал қарзи худро пардохт кунанд, зеро ҳаҷ ба чунин ашхос фарз нест.

Баъзеҳо гумон мекунанд, ки сабаби асосии фарз нашудани ҳаҷ ба шахсони қарздор ин иҷозат надодани соҳибони қарз аст. Аз ин рӯ, агар аз соҳиби қарз иҷозат пурсад ва ӯ барояш иҷозат диҳад, боке надорад. Ин гумон ягон асосе надорад, балки сабаби асосии фарз нашудани ҳаҷ бар ин гуна шахс машғул будани зиммаи ӯст. Маълум аст, ки агар соҳиби қарз ба шахси қарздор иҷозати ҳаҷ карданро диҳад ҳам, қарз ба зиммаи ӯ боқӣ хоҳад монд ва бо ин иҷозат зиммаи ӯ аз қарз пок намегардад. Ба ҳамин хотир, бояд ба шахси қарздор гуфта шавад: Аввал қарзро адо намо ва агар маблағи кофӣ барои ҳаҷ кардан боқӣ монад, баъд ҳаҷ кун. Вале агар боқӣ намонад, ҳаҷ бар ту фарз нест.

Агар шахси қарздоре, ки қарздорияш монеи ҳаҷ рафтани ӯ шуда буд, вафот кунад, ба Аллоҳ таъоло бо исломи комил мулоқот мекунад ва ҳаргиз чун шахси саҳлангор ва бепарво шуморида намешавад, зеро ҳаҷ бар ӯ фарз нагашта буд.

Читавре ки закот ба камбағал фарз намегардад, ҳаҷ низ бар онон фарз нест.
Аммо агар ҳаҷро пеш аз адо намудани қарз анҷом бидиҳад ва пеш аз адо намудани қарз вафот кунад, ӯ дар хатар аст. Чунки тамоми гуноҳони шаҳид мағфират мешавад, ба ҷуз қарз. (Агар ҳоли шаҳид ин тавр бошад). Ҳоли дигарон чӣ мешуда бошад?!

Мақсад аз нафақаҳои шаръӣ, нафақаҳоеро гӯянд, ки шариат онҳоро муқаррар кардааст. Мисли нафақаи шахс ба худ ва ба аҳлу аёлаш бе исрофкорӣ ва зиёдаравӣ. Агар ҳолати молияш миёнаҳол бошаду, ба сарватмандон тақлид намуда, худро сарватманд нишон диҳаду, мошини гаронбаҳо харад ва маблағи ҳаҷ рафтанро надошта бошад, барояш фарз аст, ки мошини гаронбаҳоро фурӯшаду, бо маблағи он ба ҳаҷ равад ва мошини арзони ба ҳоли худ муносиб бихарад.

Зеро хароҷоте, ки ӯ дар мошини гаронбаҳо харҷ намудааст, хароҷоти мувофиқи шариат нест, балки он исрофест, ки шариат онро манъ намудааст.
Мақсад аз нафақа он аст, ки бояд барои худ ва аҳлу аёлаш он қадар маблағе дошта бошад, ки то аз ҳаҷ баргаштанаш барояшон кифоя кунад. Инчунин он қадар маблағе дошта бошад, ки баъд аз баргаштанаш барои ӯ ва шахсоне, ки нафақаашон бар ӯҳдаи ӯ мебошанд, кифоя кунад, мисли иҷораи хона ё маош ё тиҷорат ва ғайри он.

Ба хамин хотир, бо сармояи тиҷоратие, ки аз фоидаи он барои худ ва аҳлу аёлаш нафақа мекунад, ҳаҷ кардан ҷоиз нест. Ин дар ҳоле, ки бо кам гаштани сармояи тиҷоратияш

фоидааш кам гардаду, барои нафақаи худ ва аҳлу аёлаш кифоя накунад.

Аз Кумитаи доимии фатво (11/36) пурсиданд:
Марде дар бонки исломӣ пул гузоштааст ва бо фоидае, ки аз ин пул ба даст меорад ва бо моҳонааш рӯз мегузаронад. Ин ҳарду сарчашмаи даромадаш барои рӯзгузарониданаш ба ҳисоби миёна мерасанд. Оё барои ин мард фарз аст, ки бо сармояи аслияш ҳаҷ кунад? Бояд гуфт, ки ин кор ба даромади моҳонааш тасир расонида, ӯро дар ҳолати ногувори моддӣ хоҳад гузошт?

Чунин ҷавоб доданд:
Агар вазъият чигунае, ки зикр кардӣ, бошад, пас дар ин ҳолат бо сабаби қудрати шаръӣ надоштанат ҳаҷ бар ту фарз нест. Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَللهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَن اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلاً

آل عمران / ٩٧

Ва барои Аллоҳ, ҳаҷҷи хона (Каъба) бар мардум воҷиб аст, барои касоне, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошанд. (Сураи Оли Имрон: 97).

Дар ояти дигар Аллоҳ таъоло чунин фармудааст:

وَمَا جَعَلَ عَلَيْكُمْ فِي الدِّينِ مِنْ حَرَجٍ

الحج 78

Ва дар дин бароятон ҳеҷ кори сангин ва сахте қарор надод. (Сураи Ҳаҷ: 78).

Поёни сухан.

Манзур аз эҳтиёҷоти аслӣ ин аст, ки инсон дар зиндагонияш бар он эҳтиёҷи зиёд дорад ва бениёз будан аз он барояш бисёр душвор аст. Мисли китобҳои илмӣ барои донишҷӯ.

Зеро ба ӯ гуфта наметавонем, ки китобҳоятро фурӯхта, бо пули он ба ҳаҷ бирав, зеро китобҳо эҳтиёҷоти аслии ӯст. Инчунин мошине, ки шахс ба он эҳтиёҷ дорад. Ба ӯ намегӯем, ки мошинатро фурӯхта, бо пули он ба ҳаҷ бирав. Агар ӯ ду мошин дошта бошаду, ба якеи он ҳам ниёзаш бароварда шавад, дар ин сурат ба ӯ зарур аст, ки як мошинашро фурӯхта, бо пули он ҳаҷ кунад.

Инчунин ба ҳунарманд ҷоиз нест, ки асбобу олатҳои худро фурӯхта, ба ҳаҷ равад, зеро ба онҳо эҳтиёҷ дорад.
Инчунин мошине, ки бо он кор карда, бо пули он ба худ ва аҳлу аёлаш нафақа мекунад. Ба ин гуна шахс воҷиб нест, ки мошинашро фурӯхта, бо пули он ҳаҷ кунад.
Аз ҷумлаи эҳҷтиёҷоти аслии дигар, ин издивоҷ аст. Агар шахс ба издивоҷ эҳтиёҷ дошта бошад, онро аз ҳаҷ намудан пеш мегузорад ва агар эҳтиёҷ надошта бошад, ҳаҷ мекунад.
Ба ҷавоби саволи (27120) нигаред.

Бояд дар назар дошт, ки мақсад аз тавоноии молӣ он аст, ки баъди пардохти қарзҳо ва нафақаҳои шаръӣ ва эҳтиёҷоти зарурӣ, лозим аст, ки дар назди ӯ маблағи кифоя барои адои ҳаҷ боқӣ монад.
Касе, ки қудрати ҷисмониву молӣ дорад, ба ӯ зарур аст, ки ба ҳаҷ кардан бишитобад.
Касе, ки қудрати ҷисмониву молӣ надорад ва ё қудрати ҷисмонӣ дорад, вале ӯ камбағал аст ва маблағе надорад, ҳаҷ бар ӯ воҷиб нест.

Касе, ки қудрати молӣ дорад вале қудрати ҷисмонӣ надорад, дидгоҳи мо дар ин масъала чунин аст:
Агар умед бошад, ки нотавонии ӯ бартараф мешавад, масалан, беморе, ки ба шифо ёфтанаш умед аст, дар ин

ҳолат ӯ мунтазир мешавад, то Аллоҳ барояш шифо бидиҳад. Баъд аз он, ҳаҷ мекунад.

Агар барои бартараф шудани беморияш умеде набошад, ба монанди гирифтор ба бемории саратон ё калонсоле, ки ҳаҷ карда наметавонад, бар ин гуна шахс воҷиб аст, ки шахсеро аз номи худ ба ҳаҷ фиристад, то аз номи ӯ ҳаҷ кунад. Зеро агар шахс қудрати молӣ дошта бошад, бо надоштани қудрати ҷисмонӣ ҳаҷ аз ӯ соқит намешавад.

Далел ба ин гуфтаҳо ҳадисест, ки Бухорӣ (1513) ривоят кардааст: Зане пурсид: Эй расулуллоҳ, фаризаи ҳаҷ дар ҳоле бар падарам воҷиб гашт, ки ӯ ба болои маркаб устувор истода наметавонад. Оё ба ҷойи ӯ ҳаҷ кунам? Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Оре".

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) инҷо сухани ӯро иқрор намуд ва маълум гардид, ки бо вуҷуди қудрати ҷисмонӣ надоштан ҳаҷ ба падари ӯ фарз шудааст.
Барои фарз шудани ҳаҷ бар зан шарт аст, ки ҳамроҳаш маҳрам бошад. Зеро барояш сафари ҳаҷ танҳо дар сурате раво мегардад, ки ҳамроҳаш маҳраме бошад.

Дар ин бора аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чунин омадааст:
"Зан танҳо бо маҳрами хеш сафар мекунад". Ривояти Бухорӣ (ҳадиси 1862) ва Муслим (ҳадиси 1341).
Маҳрами зан шавҳар ва ҳар шахсе, ки бо сабаби насаб ва ширхорагӣ ва ё мусоҳара (қудоӣ) умрбод бар ӯ (издивоҷ намудан бо онҳо) ҳаром гаштааст.

Шавҳари хоҳар ва ё шавҳари хола ва ё шавҳари амма маҳрам хисобида намешаванд. Баъзе аз занон саҳлангорӣ намуда, ҳамроҳ бо хоҳар ва шавҳари хоҳараш ва ё бо холааш ва шавҳари холааш сафар мекунанд. Ин гуна амалкарди онҳо ҳаром аст. Зеро шавҳари хоҳар ва ё шавҳари хола маҳрами ӯ ҳисобида намешавад. Ба ин гуна занҳо дуруст нест, ки бо чунин мардон сафар кунанд.
Хавфи он аст, ки ҳаҷҷи ин гуна занон ҳаҷҷи мабрур намешавад. Чунки ҳаҷҷи мабрур ҳаҷҷест, ки бо ӯ гуноҳ омезиш нашуда бошад. Ин гуна занон дар тамоми муддати сафар то баргаштан гунаҳгор шуморида мешаванд.

Яке аз шурути маҳрам ин аст, ки бояд солимақлу ба балоғат расида бошад. Зеро мақсад аз маҳрам ҳифз ва нигоҳдорӣ кардани зан аст. Ин кор аз дасти кӯдаку девона намеояд.
Агар зан маҳраме надошта бошад, ё маҳраме дошта бошаду, вале аз сафар намудан бо ӯ худдорӣ кунад, дар ин ҳолат ҳаҷ бар ӯ воҷиб намебошад.

Иҷозат пурсидан аз шавҳар аз ҷумлаи шартҳои воҷиб гаштани ҳаҷ ба зан нест. Вақте ки шартҳои воҷиб гаштани ҳаҷ ба зане фароҳам гарданд, ҳаҷ бар ӯ фарз мешавад. Агарчӣ шавҳараш ба ӯ иҷозат надиҳад ҳам.

Дар фатвои Кумитаи доимии фатво (11/20) оиди ин масъала чунин омадааст:
"Агар шартҳои қудрат ба ҳаҷ дар зане фароҳам гарданд, барояш ҳаҷ кардан фарз мешавад ва аз шавҳар иҷозат пурсидани ӯ воҷиб нест. Шавҳар ҳақ надорад, ки ҳамсарашро аз он манъ кунад. Балки мутобиқи шариат, бояд ӯ ҳамсарашро дар адо намудани ин воҷиб дастгирӣ кунад". Поёни сухан.

Ҳамаи ин гуфтаҳо дар бобати ҳаҷҷи фарзӣ мебошанд. Аммо оиди ҳаҷҷи нофила, Ибни Мунзир иҷмои донишмандонро нақл кардааст, ки шавҳар ҳақ дорад, ки ҳамсари худро аз ҳаҷҷи нофила манъ кунад. Зеро ҳаққи шавҳар бар ӯ воҷиб аст ва ин ҳақро бо сабаби чизе ки воҷиб нест, аз даст надиҳад.
Ал-Муғнӣ (5/35).
Барои маълумоти бештар ба китоби "Шарҳу-л-мумтиъ" нигаред. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳоҷӣ кадом вақт забҳ (қурбонӣ) мекунад?

Савол

Агар ҳоҷӣ барои адо намудани маносики ҳаҷ биравад, оё бар ӯ воҷиб аст, ки забҳ (қурбонӣ) намояд? Оё ӯ бояд дар кишвари худ ҳам забҳ (қурбонӣ) кунад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

1. Ҳаҷ се навъ мебошад: Ифрод, таматтуъ ва қирон.

Ифрод ин аст, ки шахс танҳо ҳаҷ мекунад. Таматтуъ ин аст, ки аввал умра менамояд, сипас аз эҳроми умра мебарояд ва пас аз он, ҳаҷро адо мекунад. Қирон ин аст, ки ҳаҷҷу умраро дар як эҳром ба ҷой меоварад ва барояш кофист, ки як тавоф ва як саъйеро барои ҳаҷҷу умрааш анҷом бидиҳад.
Аз Урва ибни Зубайр аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки мегӯяд: Ҳамроҳи расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳамзамон бо ҳилоли Зулҳиҷҷа (барои ҳаҷ) берун омадем. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Касе дӯст дорад, ки барои умра талбия гӯяд, пас талбия гӯяд ва касе дӯст дорад, ки барои ҳаҷ талбия гӯяд, пас талбия гӯяд. Агар ҳадй (қурбонӣ)-ро намеовардам, ҳатман барои умра талбия мегуфтам. Пас

баъзе аз онҳо барои умра талбия гуфтаанд ва баъзе аз онҳо барои ҳаҷ».
Ривояти Бухорӣ (1694) ва Муслим (1211).

2. Ифрод. Танҳо ҳаҷҷест, ки пеш аз он умра намекунад. Барои муфрид (касе, ки ҳаҷҷи ифродро анҷом медиҳад) забҳи ҳадй (қурбонӣ) воҷиб нест, вале мустаҳаб аст.
3. Аммо дар таматтуъ ва қирон забҳ воҷиб аст, ки ин гуна забҳро шукрона меноманд, яъне ҳоҷӣ Парвардигорашро ба хотири ин ки чунин маносикро барояш машрӯъ кардааст, шукрона мекунад.
Дар таматтуъ ҳоҷӣ умра ва ҳаҷро ҷамъ менамояд ва дар миёни онҳо аз эҳром мебарояд ва аз хушбӯӣ, либос ва ҳамбистарӣ баҳра мебарад.
Аз Солим ибни Абдуллоҳ ривоят аст, ки Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳаҷҷату-л-видоъ бо анҷом додани умра ва ҳаҷ таматтуъ намуд ва қурбонӣ кард. Ҳадй (ҷонвари қурбонишаванда)-ро аз Зулҳулайфа бо худ овард. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бо талбия умраро оғоз намуда, сипас ба ҳаҷ талбия гуфт. Мардум низ ҳамроҳи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бо анҷом додани умра ба ҳаҷ таматтуъ намуданд. Баъзе аз мардум қурбонӣ карданд ва онро бо худ оварданд ва бархе қурбонӣ накарданд. Ҳангоме ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба Макка расид, ба мардум гуфт:
«Касе аз шумо ҳадй (қурбонӣ) оварда бошад, чизе ки барояш ҳаром шуда буд, ҳалол намешавад, то он даме, ки ҳаҷҷашро ба поён нарасонад ва касе аз шумо агар ҳадй (қурбонӣ) наоварда бошад, бояд ба Каъба тавоф кунад, байни Сафо ва Марва саъй намояд, мӯйи сарашро кӯтоҳ кунад ва аз эҳром бароядж, сипас барои ҳаҷ талбия бигӯяд.

Касе ҳадйе (чорпое барои қурбонӣ) наёфт, се рӯз дар айёми ҳаҷ рӯза ва ҳафт рӯз пас аз бозгашт ба сӯи аҳли хонаводааш рӯза бигирад ...».
Ривояти Бухорӣ (1606) ва Муслим (1227).

4. Ҳадй чорпоест аз баҳимату-л-анъом - гӯсфанд, гов ва шутур - ки ҳоҷӣ онро аз хориҷи Ҳарам, қабл аз он ки ба эҳром дарояд, ба хонаи Аллоҳ ҳадия медиҳад. Яке аз фарқиятҳои мутаматтиъ (касе, ки ҳаҷҷи таматтӯъ мекунад) ва қорин (касе, ки ҳаҷҷи қирон мекунад) ин аст, ки қорин (ҳаҷҷи қирон анҷомдиҳанда) баъди тамом кардани умрааш аз эҳром намебарояд. Пайваста то ҳаштуми рӯзи Зулҳиҷҷа, яъне рӯзе, ки бо нияти ҳаҷ медарояд, дар эҳромаш боқӣ мемонад.
Суннат ин аст, ки ҳадй (чорпои қурбонӣ) дар рӯзи иди Қурбон, даҳуми Зулҳиҷҷа забҳ карда шавад.
Аз Солим ибни Абдуллоҳ ривоят аст, ки Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳаҷҷату-л-видоъ бо анҷом додани умра ва ҳаҷ таматтуъ намуд ва қурбонӣ кард. Ҳадй (ҷонвари қурбонишаванда)-ро аз Зулҳулайфа бо худ овард ... Баъд аз он бозгашт ва ба Сафо омад ва байни Сафо ва Марва ҳафт маротиба саъй намуд. Сипас аз ҳеҷ чизе, ки барои ӯ ҳаром буд, берун нашуд, то он даме ки ҳаҷҷашро ба поён расонд ва ҳадй (қурбонӣ)-и худро дар рӯзи иди Қурбон наҳр намуд, сипас равона шуда, тавофи хонаро анҷом дод ва баъд аз он, аз ҳар чизе, ки ҳаром буд, ҳалол гардид.
Ривояти Бухорӣ (1606) ва Муслим (1227).

5. Барои ҳеҷ яке аз ҳоҷиён лозим нест, ки дар кишвари худ забҳ (қурбонӣ) кунад, зеро забҳ яке аз маносики ҳаҷ аст ва маносик танҳо дар Макка анҷом дода мешавад ва ҳатто

агар ба хотири баъзе аз маҳзуроти эҳром, забҳ бар ҳоҷӣ воҷиб шавад, дар ин сурат низ дар кишвари худ забҳ намекунад, балки забҳ бояд дар Мино ё Макка анҷом дода шавад.

Абдулазим Ободӣ мегӯяд: Забҳи ҳамаи қурбониҳо дар сарзамини Ҳарам иттифоқан ҷоиз аст, ҷуз ин ки забҳ дар Мино барои ҳаҷ афзалтар аст ва забҳ дар Макка - хусусан дар Марва - барои умра беҳтар аст. Поёни сухан.
Вале агар ҳоҷӣ дар кишвараш ба аҳли хонаводаи худ молеро гузошта бошад, то дар рӯзи ид бо он қурбонӣ бихаранд, ин амали хуб аст.
Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид.

## Оё фосилаи байни тавофу саъй муддати муайяне дорад?

Савол
Оё барои фосилаи байни тавофу саъй муддати муайяне вуҷуд дорад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Барои фосилаи байни тавофу саъй муддати муайяне вуҷуд надорад. Пайдарпай анҷом додани он ду шарт нест, вале беҳтар он аст, ки ҳар гоҳ тавоф кунад, саъй намояд, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) саъю тавофи худро пайиҳам анҷом медод. Вале агар ба таъхир бияндозад, дар аввали рӯз тавоф намояду, дар охири рӯз саъй кунад ва ё баъди як ё ду рӯз саъй намояд, дар ин чиз ҳеҷ ишколе вуҷуд надорад, зеро пайдарпай анҷом додани тавофу саъй воҷиб нест". Поёни сухан.

"Маҷмӯъу фатово"-и Ибни Усаймин (22/421).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Дар ҳангоми тавоф чӣ мегӯем?

Савол

Ин зикрҳоро яке аз дӯстдорони умра ҷамъоварӣ намудааст. Ӯ мехост онро байни умракунандагон тақсим кунад, аммо таваққуф кард, то ба шумо руҷӯъ карда, саҳеҳу заифи онро бифаҳмад. Бархе аз он зикрҳо азкорест, ки умрагузор ба он ниёз дорад, ба монанди он чизе ки дар ҳангоми тавоф гуфта мешавад. Даври аввалро бо ҳамду сано ба Аллоҳ таъоло оғоз карда, сипас ба паёмбари Ӯ салавот мефиристад ва баъд аз он, дуо мекунад ва дуоҳои диниро аз дуоҳо дунявӣ пеш гузошта, бо ҳузури қалб дуо менамояд.

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) - то он ҷое, ки медонем - ягон дуо ё зикре ворид нашудааст, ки дар тавоф хонда шавад, ба ҷуз дуое байни Рукну-л-ямонӣ ва Ҳаҷару-л-асвад:

رَبَّنَا آتِنَا فِي الدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِي الْآخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ النَّارِ

«Раббано отино фи-д-дунё хасаната-в-ва фи-л-охирати хасаната-в-ва қино ъазоба-н-нор».

*(Парвардигоро! Дар дунё ба мо некӣ ато фармо ва дар охират низ некӣ бидеҳ ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор).*

Аҳмад инро дар китоби "Муснад" (3/411) ривоят кардааст. Ибни Ҳиббон (9/134) ва Ҳоким (1/625) ривояти мазкурро саҳеҳ донистаанд.

Ва такбир (Аллоҳу акбар) ҳар гоҳ бо Ҳаҷару-л-асвад рӯбарӯ шавад. Ривояти Бухорӣ (4987).

Аммо дар маконҳои дигари тавоф, тавофкунанда байни зикр, дуо ва қироати Қуръон ихтиёр дорад. (Агар бихоҳад, зикр ё дуо мекунад ва агар бихоҳад, Қуръонро тиловат менамояд).

Ибни Қудома дар китоби "Ал-Муғнӣ" (3/187) гуфтааст:
"Дуо ва зиёд зикр кардани Аллоҳ таъоло дар тавоф мустаҳаб аст, зеро он (дуо ва зикр) дар ҳама ҳолатҳо мустаҳаб буда, ҳангоми иҷрои ин ибодат (яъне тавоф) авлотар мегардад. Мустаҳаб аст, ки суханро тарк кунад, ба ҷуз зикри Аллоҳ таъоло, қироъати Қуръон, амр ба маъруф, наҳй аз мункар ва ё сухани зарурӣ". Поёни сухан.

Шайху-л-ислом Ибни Таймия дар китоби "Маҷмуъу-л-фатово" (26/122) гуфтааст:
"Дар он - яъне дар тавоф - ягон зикри муайяне аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) на бо фармонаш, на бо суханаш ва на бо таълимоташ ворид нашудааст, балки инсон метавонад бо ҳама намуд дуоҳое, ки дар шариат ворид шудааст, дуо намояд. Он дуое, ки мардум зикр мекунанд, ба монанди дуои махсус зери новадони Каъба ва ғайра ҳеҷ асосе надорад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) тавофи худро дар байни ду рукн бо дуои зерин ба итмом мерасонид:

رَبَّنَا آتِنَا فِي الدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِي الْآخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ النَّارِ
«Раббано отино фи-д-дунё хасаната-в-ва фи-л-охирати хасаната-в-ва қино ъазоба-н-нор».

*(Парвардигоро! Дар дунё ба мо некӣ ато фармо ва дар охират низ некӣ бидеҳ ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор).*

Ҳамчуноне, ки дигар дуоҳояшро низ бо ҳамин дуо хотима медод. Бо иттифоқи донишмандон дар ин маврид ягон дуои воҷибе вуҷуд надорад". Поёни сухан.
Шайх Ибни Усаймин (раҳматиАллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:
"Аз Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки ӯ ҳар гоҳ ба рӯбарӯи Ҳаҷару-л-асвад расад, такбир мегуфт. Ва дар байни Рукну-л-ямонӣ ва Ҳаҷар-у-л-асвад дуои зеринро мехонд:

رَبَّنَا آتِنَا فِي الدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِي الْآخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ النَّارِ
(سورة البقرة: ٢٠١).

«Раббано отино фи-д-дунё хасаната-в-ва фи-л-охирати хасаната-в-ва қино ъазоба-н-нор».
*(Парвардигоро! Дар дунё ба мо некӣ ато фармо ва дар охират низ некӣ бидеҳ ва моро аз азоби оташ нигаҳ дор).*
(Сураи Бақара: 201).

Ягон дуои махсусе дар ҳар як даври тавоф аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид нашудааст.
Аз ин рӯ, тавофкунанда ҳар чизе аз хубиҳои дунёву охиратро, ки дӯст бидорад, аз Аллоҳ мепурсад ва Аллоҳ таъолоро ба ҳама намуди зикрҳои машрӯъ, ба монанди тасбеҳ, таҳмид, таҳлил, такбир ва ё қироати Қуръон ёд мекунад". Поёни сухан бо ихтисор.
"Маҷмуъу-л-фатово" (24/327).
Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ихлос дар ҳаҷ

Савол

Ҳоҷӣ чигуна метавонад ҳангоми адои ҳаҷ боихлос бошад? Оё агар бо ҳамроҳи ҳаҷ тиҷорат ва талаби ризқро биҳоҳад, беихлос ба ҳисоб меравад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ихлос дар тамоми ибодатҳо шарт аст. Ибодат бо вуҷуди ширк дуруст (ва қабул) нахоҳад шуд:

فَمَنْ كَانَ يَرْجُوا لِقَاءَ رَبِّهِ فَلْيَعْمَلْ عَمَلاً صَالِحاً وَلا يُشْرِكْ بِعِبَادَةِ رَبِّهِ أَحَداً
سورة الكهف: ١١٠

«Пас ҳар ки хоҳони дидори Парвардигори хеш аст, бояд кори неку шоиста анҷом бидиҳад ва ҳеҷ касеро дар ибодати Парвардигораш касеро шарик насозад». (Сураи Каҳф: 110).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَا أُمِرُوا إِلا لِيَعْبُدُوا اللهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ حُنَفَاءَ وَيُقِيمُوا الصَّلاةَ وَيُؤْتُوا الزَّكَاةَ وَذَلِكَ دِينُ الْقَيِّمَةِ . سورة البينة: ٥

«Ва онон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро мухлисона ва бар пояи ойини тавҳидӣ, дар ҳоле ибодот кунанд, ки дин ва ибодатро махсуси Ӯ бидонанд ва намозро барпо доранд ва закотро бипардозанд. Ва ин ойини ростин ва мустақим аст». (Сураи Баййина: 5).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

فَاعْبُدِ اللهَ مُخْلِصاً لَهُ الدِّينَ * أَلاَ لِلهِ الدِّينُ الْخَالِصُ
سورة الزمر: ٢ - ٣

«Пас, Аллоҳро бипараст ва дини худро барои Ӯ холис гардон. Огоҳ бошед, ки дини холис аз они Аллоҳ аст». (Сураи Зумар: 2 - 3).

Дар ҳадиси саҳеҳи қудусӣ омадааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: Аллоҳ таборак ва таъоло мефармояд: «Ман бениёзтарини шарикон аз ширк мебошам. Ҳар кас амалеро анҷом бидиҳад, ки дар он дигареро бо Ман шарик гардонад, ӯ ва ширкашро раҳо мекунам».

Маънои ихлос ба Аллоҳ дар ибодат ин аст, ки банда ибодатро бояд танҳо бо муҳаббати Аллоҳ таъоло, таъзим ва умеди савобу ризои Ӯ иҷро намояд.

Аз ин рӯ, Аллоҳ таъоло оиди Муҳаммад расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ ва оли ӯ бод) мефармояд:

مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ تَرَاهُمْ رُكَّعاً سُجَّداً يَبْتَغُونَ فَضْلاً مِنَ اللهِ وَرِضْوَاناً

سورة الفتح: ٢٩

«Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгир ва бо ҳамдигар меҳрубонанд. Онҳоро дар ҳоли рукӯъ ва саҷда мебинӣ, ки аз Аллоҳ фазл ва хушнудӣ металабанд». (Сураи Фатҳ: 29).

Аз ин рӯ, ибодат хоҳ ҳаҷ бошад ва ё дигар ибодат, агар инсон онро бо мақсади риё дар назди бандагони Аллоҳ иҷро карда бошад, қабул нахоҳад шуд. Яъне онро бо мақсади худнамоӣ дар назди мардум иҷро кунад, то онон бигӯянд: Во аҷабо, фалонӣ хеле парҳезгор аст! Во аҷабо, фалонӣ хеле ибодаткунанда аст! Ва амсоли он.

Агар мақсад аз адои ибодат тамошо намудани маконҳову шаҳрҳо ё дидани мардум ва ё дигар корҳое, ки бо ихлос зиддият доранд, бошад, ибодат қабул нахоҳад шуд. Аз ин хотир, ҳоҷиёне, ки қасди зиёрати хонаи Аллоҳро доранд, бояд ниятҳояшонро холис барои Аллоҳ таъоло гардонанд.

Ҳадафашон набояд тамошо намудани олами Исломӣ ё тиҷорат ва ё суханони мардум, ки фалонӣ ҳар сол ҳаҷ менамояд ва ғайра, бошад.
Ҳеҷ мамонияте нест, ки инсон ҳагоми сафари ҳаҷ фазли Аллоҳро бо тиҷорат талаб намояд, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

لَيْسَ عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ أَنْ تَبْتَغُوا فَضْلاً مِنْ رَبِّكُمْ
سورة البقرة: ١٩٨

«Гуноҳе бар шумо нест, ки (дар айёми ҳаҷ тиҷорат намоед ва) аз фазл (ва рӯзӣ)-и Парвардигоратон талаб кунед». (Сураи Бақара: 198).

Аммо агар нияти инсон танҳо тиҷорат бошад, ин бо ихлос зиддият дорад. Ин монанди касест, ки бо амали охират хоҳони дунё аст, ки боиси бекоршавӣ ё шадидан ноқисшавии амалаш мегардад.Аллоҳ таъоло фармудааст:

مَنْ كَانَ يُرِيدُ حَرْثَ الآخِرَةِ نَزِدْ لَهُ فِي حَرْثِهِ وَمَنْ كَانَ يُرِيدُ حَرْثَ الدُّنْيَا نُؤْتِهِ مِنْهَا وَمَا لَهُ فِي الآخِرَةِ مِنْ نَصِيبٍ. سورة الشورى: ٢٠

«Касе, ки кишти охиратро бихоҳад, дар кишти ӯ (баракат медиҳем ва) меафзоем ва ҳар кас хоҳони кишти дунё бошад, аз он ба ӯ медиҳем ва ӯ дар охират ҳеҷ (насиб ва) баҳрае надорад». (Сураи Шуро: 20).
Поёни сухан.
Сарчашма: "Фатово"-И Ибни Усаймин (18/21).

## Зане як чанд маротиба умра намудааст, вале мӯи сарашро кӯтоҳ накардааст. Пас ҳукми он чист?

Савол

Ҳукми зане, ки як ё чанд маротиба умра намудааст, вале мӯи сарашро кӯтоҳ накардааст, чист? Баъд аз он, ӯ беш аз як умра анҷом дод ва мӯи сарашро кӯтоҳ кард. Оё ба хотири хатогие, ки дар гузашта рӯй дод, чизе бар ӯ воҷиб аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Касе воҷибе аз воҷибҳои ҳаҷ ё умра аз қабили тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сарро тарк кунад, пас бар асоси дидгоҳи донишмандон бояд фидя бидиҳад, ки дар Макка забҳ карда шавад ва (гӯшти он) ба фақирон тақсим карда шавад.

Аз Шайх Ибни Усаймин пурсиданд: Касе умра кунад, вале аз рӯи фаромӯшӣ ё нодонӣ мӯи сарашро натарошад ва ё кӯтоҳ накунад, ҳукми умрааш чист?

Чунин посух дод:

Умра дуруст аст, гарчанде ки мӯи сарашро натарошида ва ё кӯтоҳ накарда бошад, зеро тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯй яке аз рукнҳои умра намебошад, балки аз воҷибҳои он аст. Агар инсон онро аз рӯи фаромӯшӣ тарк кунад, дар ин сурат, ҳар гоҳ ба ёд орад, мӯи сарашро метарошад, ба ҷуз дар ҳолате ки вақти он гузарад. Дар ин сурат, фидяеро дар Макка забҳ мекунад ва гӯшти онро ба фақирон садақа менамояд. Модоме ки ӯ аз рӯи фаромӯшӣ ё нодонӣ тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯи сарро тарк кардааст, дар ин ҳолат гуноҳе бар ӯ нест. Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (22/466) 1000.

Ҳамчунин аз ӯ пурсиданд: Марде пас аз анҷом додани тавофу саъй аз умра баромад (яъне аз эҳром хориҷ шуд), вале мӯи сарашро натарошид ва кӯтоҳ накард ва сипас барои ҳаҷ эҳром баст. Чӣ чиз бар ӯ лозим аст?

Чунин посух дод:
Ба назар мерасад, ки ӯ дар таматтуъ боқӣ мемонад, вале ӯ ба хотири тарк намудани тарошидан ё кӯтоҳ кардани мӯи сар бояд фидя бидиҳад. Бар асоси дидгоҳи машҳур дар байни фақеҳон, ки дар ҳангоми тарк намудани фариза фидя лозим аст. Агар сарватманду тавоно бошад, бояд дар Макка фидяеро забҳ кунад ва ҳамаи гӯшти онро ба фақирон тақсим кунад. Агар ба ин кор тавоноӣ надошта бошад, пас дар ин ҳолат, ҳеҷ чизе бар ӯ воҷиб нест. Аммо дар мавриди маносики ҳаҷҷи ӯ бошад, он таматтуъ аст, зеро ин нияти ӯ буд. Поёни сухан.
"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (22/468) 1004.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Кадом вақт изтибоъ (либоси эҳромро ба китфи чап партофта, шонаи ростро бараҳна гузоштан) ва рамал (қадамҳоро наздик-наздик гузошта, босуръат роҳ рафтан) машрӯъ мебошанд?

Савол
Тавофи ифозаро дар рӯзи ид, дарҳол баъд аз ҳаракат аз Муздалифа, яъне пеш аз санг партофтан ба ҷамараи Ақаба ё тарошидани мӯи сар анҷом додам. Оё дар ин тавоф изтибоъ вуҷуд дорад, бо ин ҳуҷҷат ки ман ҳанӯз дар эҳром ҳастам? Аллоҳ ба шумо тавфиқ бидиҳад.

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Изтибоъ ва рамал танҳо дар тавофи умра ва тавофи қудум барои муфрид ва қорин машрӯъ аст.
Ба ҷуз дар ин ду тавоф дар дигар маносик (рамал ва изтибоъ) машрӯъ нестанд, аз ин рӯ, тавофи ифоза на рамал дорад ва на изтибоъ дорад, чӣ дар эҳром бошед ё дар эҳром набошед.
Абудовуд (2001) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳафт даври тавофи ифоза рамал намекард. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу Абидовуд" саҳеҳ донистааст.

Изтибоъ: Китфи ростро кушодан.
Рамал: Қадамҳоро наздик-наздик гузошта, босуръат роҳ рафтан.
Изтибоъ ва рамал муталозими ҳамдигаранд. Яъне ҳар ҷо рамал машрӯъ бошад, изтибоъ ҳам машрӯъ мебошад. Ва ҳар гоҳ рамал машрӯъ набошад, изтибоъ ҳам машрӯъ нест.
Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (8/43) гуфтааст:
Изтибоъ мулозими рамал аст, ҳар ҷо рамалро мустаҳаб донистем, пас изтибоъ низ мустаҳаб аст ва ҳар гоҳ рамалро мустаҳаб надонистем, изтибоъ низ мустаҳаб нест ва ҳар ҷо хилоф бошад, дар рамал ва изтибоъ, дар ҳар ду хилоф ҷорист ва дар ин амр хилофе вуҷуд надорад. Поёни сухан.
Ҳамчунин гуфтааст: Вале рамал ва изтибоъ дар як чиз аз ҳам ҷудо мешаванд ва он ин аст, ки изтибоъ дар ҳар ҳафт даври тавоф суннат аст, аммо рамал фақат дар се даври аввали тавоф суннат аст ва дар чаҳор даври охири тавоф роҳ рафтан суннат аст. Поёни сухан.
"Ал-Маҷмуъ" (8/20).

Ибни Қудома дар китоби "Ал-Муғнӣ" (5/221) мустаҳаб будани рамал ва изтибоъ дар тавофи умра ва тавофи қудумро зикр карда, гуфтааст:
Рамал ва изтибоъ дар ҳеҷ тавофе ба ҷуз тавофҳое, ки зикр кардем, суннат нестанд, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва асҳоби ӯ дар он (яъне дар тавофи умра ва қудум) рамал ва изтибоъ кардаанд. Поёни сухан.

Дар фатовои Кумитаи доимӣ (11/225) омадааст:
Изтибоъ дар тамоми даврҳои тавофи қудум суннат аст, ҳаминтавр рамал дар се даври аввали тавофи қудум барои ҳоҷӣ ва умракунанда машрӯъ аст. Поёни сухан.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:
Дар се даври аввали тавофи аввал бояд рамал кунад, он тавофе, ки ҳангоми бори аввал ба Макка омаданаш анҷом медиҳад, хоҳ умрагузор бошад ва хоҳ мутаматтеъ ва ё танҳо барои ҳаҷ эҳром баста бошад ва ё байни ҳаҷҷу умра қирон карда бошад. Ва дар чаҳор даври боқимонда роҳ меравад, ҳар як даврро бо наздик-наздик гузоштани қадамҳо оғоз мекунад. Барои ӯ мустаҳаб аст, ки дар тамоми ин тавоф изтибоъ намояд, вале дар ғайри он на. Поёни сухан.
"Фатово"-и Ибни Боз (16/60).
Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Зани ҳайзшуда ҳар гоҳ ба эҳром дарояд, чӣ кор мекунад?

Савол

Ҳар гоҳ зан дар ҳангоми адо намудани умра ҳайз шавад, чӣ бояд бикунад? Кадом амалҳоро бояд анҷом бидиҳад ва кадом амалҳоро бояд анҷом надиҳад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар зан ба эҳром дарояд, дар ҳоле ки ӯ дар одати моҳона қарор дорад, ғайр аз тавофи Каъба, тамоми амалҳоеро, ки ҳоҷӣ ё умракунанда анҷом медиҳад, анҷом бидиҳад. Тавофро ба таъхир бияндозад, то ин ки (аз ҳайз) пок шавад.

Шайх Абдулкарим Ал-Хузайр.

Ӯ метавонад Аллоҳро зикр кунад, дуо намояд, талбия бихонад ва амалҳои некро анҷом бидиҳад.

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид.

## Ҳукми ҳаҷ

Савол

Ҳаҷ чӣ ҳукме дорад? Ва ҳукми касе, ки воҷиб будани онро инкор мекунад, чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳаҷ рукне аз рукнҳои Ислом мебошад. Аз ин рӯ, касе пас аз баён кардан ба ӯ, онро инкор кунад ва онро бад бинад, кофир мешавад. Аз ӯ талаб карда мешавад, ки тавба намояд. Агар тавба накунад, ба қатл расонида мешавад (яъне қозӣ ба ӯ ҳукм менамояд ва ӯро муҷозот мекунад).

Бояд шахси тавоно барои адо намудани фаризаи ҳаҷ шитоб намояд, зеро Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلِلَّهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلًا وَمَن كَفَرَ فَإِنَّ اللهَ غَنِيٌّ عَنِ ٱلْعَٰلَمِينَ
سورة آل عمران: ٩٧

«Ва барои Аллоҳ, ҳаҷҷи хона (Каъба) бар мардум воҷиб аст, барои касоне, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро дошта бошанд ва ҳар кас куфр варзад, бешак Аллоҳ аз ҷаҳониён бениёз аст». (Сураи Оли Имрон: 97).

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

Сарчашма: "Аллаҷнату-Д-Доимату Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто" (11/11).

## Ҳар гоҳ дар асnои тавоф ва ё саъй (байни Сафо ва Марва) намози ҷамоъат барпо шавад

Савол

Агар дар ҳоли тавоф ва ё саъй намози ҷамоъат барпо шавад, чӣ кор бояд кард? Оё тавофро идома бидиҳам ва ё намоз бихонаму, сипас аз нав тавоф намоям?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳар гоҳ дар асnои тавоф ва ё саъй (байни Сафо ва Марва) намози ҷамоъат барпо шавад, шумо бояд тавофи худро мутаваққиф карда, ҳамроҳи имом намоз бихонед ва баъд аз намоз, аз ҷое ки тавофро қатъ намудед, ба тавофи худ идома бидиҳед ва ниёзе нест, ки аз нав тавоф бикунед ва ё давреро ки ба хотири намоз қатъ намудед, аз нав анҷом бидиҳед.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

Ҳар гоҳ ба сабаби ҳоҷате тавоф қатъ шавад, масалан шахсе се давр тавоф кунад ва баъд намоз барпо шавад, ӯ (бо ҳамроҳи ҷамоат) намоз мехонад, сипас бармегардад ва аз ҷояш (ҷое, ки дар онҷо тавофро қатъ кард) тавофро идома медиҳад. Бар ӯ лозим нест, ки ба ҳаҷару-л-асвад бозгардад, балки аз ҳамон ҷои худ (яъне аз ҳамон ҷое, ки дар онҷо тавофашро қатъ намуда буд) тавофро шурӯъ мекунад ва тавофро комил менамояд, бар хилофи гуфтаи баъзе аз донишмандон, ки гуфтаанд аз ҳаҷару-л-асвад тавофро шурӯъ мекунад.

Дидгоҳи саҳеҳ ин аст, ки тибқи гуфтаи гурӯҳе аз донишмандон, чунин чизе лозим нест ва ҳамчунин агар ҷанозае ҳозир шавад ва ӯ намози ҷаноза бихонад ва ё касе ӯро бидораду, бо ӯ сӯҳбат кунад ва ё издиҳоми мардум (ӯро бидорад) ва ё монанди инҳо. Дар ин ҳолатҳо, ӯ тавофашро комил мекунад ва дар ин чиз ҳеҷ ишколе вуҷуд надорад. Поёни сухан.
"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (17/216).

Ҳамчунин Шайх Ибни Боз гуфтааст:
Агар намоз барпо шаваду, ӯ дар ҳоли тавоф ё саъй бошад, бо ҳамроҳи мардум намоз мехонад ва баъд аз он, тавоф ва саъйи худро аз ҳамон ҷое, ки (барои намоз) истода буд, комил мекунад. Поёни сухан.
"Фатово исломия" (2/250).

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:
Агар намоз барпо шаваду, инсон дар ҳоли тавоф бошад, хоҳ тавофи умра бошад ё ҳаҷ ё тавофи нофила бошад, ӯ аз тавофаш мебарояду, намоз мехонад, сипас бозгашта, тавофро комил мекунад ва тавофро аз нав оғоз намекунад,

балки тавофро аз ҷое, ки қаблан аз онҷо баромада буд, комил мекунад ва барои аз нав такрор намудани он давр ниёзе нест, зеро он чи қаблан анҷом дода буд, бар асоси саҳеҳ бино шудааст ва бо муқтазои иҷозати шаръӣ истода буд, пас мумкин нест, ки (тавоф) ботил бошад, магар бо вуҷуди далели шаръӣ. Поёни сухан.
"Фатово аркони-л-ислом" (саҳ 539).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳаҷ беҳтар аст ва ё садақа?

Савол

Агар инсон ҳаҷҷи фарзиро қаблан анҷом дода бошад. Оё беҳтар аст, ки дубора ба ҳаҷ биравад ва ҳаҷҷи нофила анҷом бидиҳад ва ё пули онро садақа бикунад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Асос он аст, ки ҳаҷҷи нофила аз садақа кардани пуле, ки дар ҳаҷ харҷ мекунад, беҳтар аст, вале гоҳо шароит ва асбобе пеш меояд, ки дар ин ҳолат, садақа додан аз ҳаҷҷи нофила беҳтар мегардад, ба монанди садақа кардан барои ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ, даъват ба дини Аллоҳ ва ё ба шахсони сахт ниёзманд, ба хусус агар аз хешовандони ӯ бошанд.

Шайху-л-ислом Ибни Таймия (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Ихтиёрот" (саҳ 206) гуфтааст:
"Ҳаҷ бар ваҷҳи машрӯъ аз садақае, ки воҷиб нест, афзалтар аст, аммо агар хешованди мӯҳтоҷу ниёзманд дошта бошад, пас дар ин ҳолат, садақа додан ба онҳо афзалтар аст. Ҳамчунин агар фақирони ночору дармонда ба нафақаи ӯ ниёз дошта бошанд, пас дар ин ҳолат ҳам садақа додан ба онҳо афзалтар аст. Аммо агар ҳарду (яъне ҳаҷ ва садақа)

нофила бошанд, пас дар ин сурат, ҳаҷ афзалтар аст, зеро ҳаҷ ибодати баданӣ ва молӣ мебошад. Хаминтавр қурбонӣ ва ақиқа беҳтар аз садақа додани пули он аст, албатта ин ба шартест, ки шахс дар роҳ воҷиботи диниро адо намояд, муҳаррамот (ҳаромҳо)-ро тарк кунад, намозҳои панҷгонаро бихонад, сухани рост бигӯяд, амонатро адо намояд ва бар касе эътидо ва таҷовуз накунад". Поёни сухан.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:
Ҳаҷҷу умра барои касе, ки бо ихлос қасди он кунад ва бар ваҷҳи машрӯъ онро анҷом бидиҳад, аз садақа додани пули онҳо беҳтар аст. Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳадиси саҳеҳе собит шудааст, ки мефармояд:
«Умра то умра каффораи гуноҳонест, ки байни он ду содир мешаванд. Ҳаҷҷи мабрур ҷуз биҳишт дигар подоше надорад». Ривояти Бухорӣ (1773) ва Муслим (1349).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:
«Умра дар Рамазон баробари як ҳаҷ аст». Ривояти Бухорӣ (1782) ва Муслим (1256).
Поёни сухан.

Ҳамчунин (Шайх Ибни Боз) гуфтааст:
Ҳар кас ҳаҷҷи фаризаро анҷом дода бошад, барои ӯ беҳтар аст, ки пули ҳаҷҷи дуввумро барои муҷоҳидони роҳи Аллоҳ бубахшад, далели он ин аст, ки ҳангоме ки аз Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд: Кадом амал беҳтар аст? Фармуд: «Имон ба Аллоҳ ва расулаш». Пурсиданд: Сипас чӣ коре? Фармуд: «Ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ». Пурсиданд: Баъд аз он чӣ коре? Фармуд: «Ҳаҷҷи мабрур». Ривояти Бухорӣ (26) ва Муслим (83).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳаҷро баъд аз ҷиҳод қарор дод ва албатта мурод аз он ҳаҷҷи нофила аст, зеро ҳаҷҷи фарзӣ рукне аз аркони Ислом, дар ҳоли тавоноӣ аст. Дар "Саҳиҳайн" ("Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят шудааст, ки мефармояд: «Ҳар кас муҷоҳидеро муҷаҳҳаз кунад (лавозимоти низомиашро фароҳам созад), ҳамоно ҷиҳод кардааст. Ва ҳар кас хонаводаи ӯро ба тариқаи шоиста сарпарастӣ намояд, ӯ низ ҷиҳод кардааст».

Шакке нест, ки муҷоҳидони роҳи Аллоҳ бисёр ниёзманди кӯмаки молӣ ҳастанд ва харҷ намудани мол барои онҳо - бо далели ин ду ҳадиси зикршуда ва дигар ҳадисҳо - аз харҷ намудани он дар роҳи нофила беҳтар аст. Поёни сухан.

Ҳамчунин (Шайх Ибни Боз) гуфтааст:
Барои касе, ки фаризаи ҳаҷ ва умраро адо кардааст, афзал он аст, ки пули ҳаҷҷи нофила ва умраи нофиларо дар роҳи кӯмак ва мусоидати муҷоҳидони роҳи Аллоҳ харҷ кунад, зеро ҷиҳоди шаръӣ аз ҳаҷҷу умраи нофила афзалтар аст. Поёни сухан.

Аз Шайх Ибни Боз пурсиданд: Оё беҳтар аст, ки пулро барои сохтмони масҷид ихтисос дод ва ё (бо он пул) ба ҷои падару модараш ҳаҷ кунад?

Чунин посух дод: Агар ниёзи зарурӣ барои таъмири масҷид бошад, пас пули ҳаҷҷи нофила дар таъмири масҷид сарф карда шавад, зеро манфиатҳои он бештар ва пойдору доимӣ аст ва боиси ёрӣ расондан ба мусулмонон дар барпо намудани намози ҷамоат хоҳад шуд.

Аммо агар ба харҷ кардани пул - яъне пули ҳаҷҷи нофила - барои таъмири масҷид ниёзи зарурӣ набошад, тавре ки шахси дигаре ғайри ҳаҷкунанда вуҷуд дошта бошад, ки таъмири онро ба ӯҳда бигирад, дар ин сурат, анҷом додани ҳаҷҷи нофила ба ҷои падару модараш - чӣ худаш ба ҷои онҳо ҳаҷ кунад ва ё шахси муътамади дигареро вакил кунад - иншоаллоҳ беҳтар аст, вале барои ҳар ду (падар ва модари худ) як ҳаҷ накунад, балки барои ҳар яки онҳо алоҳида ва ҷудогона як ҳаҷ кунад. Поёни сухан.
Ниг: "Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (16/368-372).

Шайх Ибни Усаймин гуфтааст:
Ба назари ман сарф кардани мол дар ҷиҳод аз сарф кардани он дар ҳаҷҷи нофила афзалтар аст, зеро нафли ҷиҳод аз нафли ҳаҷ афзалтар аст. Поёни сухан бо каме тағйирот.
"Фатово"-и Ибни Усаймин (2/677).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Фаромӯш кардани саъй

Савол

Ҳаҷҷи фарзиро адо намудам ва ҳаҷҷи ман таматтуъ буд. Умраро адо намуда, аз эҳром баромадам. Дар рӯзи ҳаштум эҳром пӯшидам ва ҳамаи аркони ҳаҷро анҷом додам, вале саъй (байни Сафо ва Марва)-ро ноогоҳона фаромӯш кардам. Пас чӣ чиз бар ман воҷиб аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Шумо бояд ба Макка баргардед ва барои ҳаҷ саъй кунед, зеро барои касе, ки ҳаҷҷи таматтуъ мекунад, ду саъй лозим аст: Саъй барои умра ва саъй барои ҳаҷ.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.
Сарчашма: Кумитаи Доимӣ Оид Ба Таҳқиқоти Илмӣ Ва Фатводиҳӣ. (Фатово-Л- Лаҷна: 11/257).

## Маънои «Ҳаҷ Арафа аст».

Савол
Сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод): «Ҳаҷ Арафа аст» чӣ маъно дорад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Маънои сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод): «Ҳаҷ Арафа аст» чунин мебошад: Дар ҳаҷ бояд дар Арафа вуқуф карда шавад. Касе ки дар Арафа вуқуф накунад, пас ба таҳқиқ ҳаҷро аз даст додааст. Ин маънои онро надорад, ки касе дар Арафа вуқуф кунад, дигар ҳеҷ амале аз амалҳои ҳаҷ бар зиммаи ӯ боқӣ нахоҳад монд, бо иҷмои донишмандон, зеро инсон ҳар гоҳ дар Арафа вуқуф кунад, баъзе аз амалҳои ҳаҷ, ба монанди шабгузаронӣ дар Муздалифа, тавофи ифоза, саъй кардан байни кӯҳи Сафо ва Марва, санг партофтан ба Ҷамарот ва шабгузаронӣ дар Мино бар зиммаи ӯ боқӣ хоҳад монд. Вале маънои он ин аст, ки вуқуф (истодан) дар Арафа бояд дар ҳаҷ анҷом дода шавад ва агар дар Арафа вуқуф накунад, пас ҳаҷҷи ӯ қабул нест. Аз ин рӯ, донишмандон гуфтаанд: Касе вуқуф (дар Арафа)-ро аз даст бидиҳад, ҳаҷро аз даст додааст". Поёни сухан.
"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (24/23).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Пеш аз эҳром хушбӯӣ задан мустаҳаб аст

Савол

Пеш аз эҳром хушбӯӣ задан чӣ ҳукм дорад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Хушбӯӣ задан дар ҳангоми эҳром бастан баъд аз ғусл суннат аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) барои эҳроми худ хушбӯӣ менамуд. Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) фармудааст: «Ман расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро барои эҳромаш пеш аз ин ки эҳром бипӯшад, хушбӯй менамудам». Ва дурахшиши мушк дар фарқи сари ӯ дар ҳангоми эҳром дида мешуд". Поёни сухан.

"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (9/22).

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Одоби ҳаҷҷу умра

Савол

Дар сомонаатон сифати ҳаҷҷу умраро хондам, оё ягон одобе вуҷуд дорад, ки ҳоҷӣ ё умракунанда бояд онро риоя кунад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

الْحَجُّ أَشْهُرٌ مَّعْلُومَاتٌ فَمَن فَرَضَ فِيهِنَّ الْحَجَّ فَلَا رَفَثَ وَلَا فُسُوقَ وَلَا جِدَالَ فِي الْحَجِّ وَمَا تَفْعَلُوا مِنْ خَيْرٍ يَعْلَمْهُ اللَّهُ وَتَزَوَّدُوا فَإِنَّ خَيْرَ الزَّادِ التَّقْوَىٰ وَاتَّقُونِ يَا أُولِي الْأَلْبَابِ

Ҳаҷ дар моҳҳои муайян (аз оғози Шаввол то даҳуми Зулҳиҷҷа) аст, пас касе, ки дар ин моҳҳо (бар худ) ҳаҷро фарз гардонад, (бояд бидонад, ки) дар ҳаҷ, ҳамбистарӣ ва

гуноҳ ва ҷидол раво нест ва ҳар кори хубе, ки анҷом медиҳед, Аллоҳ онро медонад. Ва тӯша баргиред, ки беҳтарини тӯша парҳезгорист. Пас эй хирадмандон, аз Ман битарсед. (Сураи Бақара: 197).

- Бинобар ин, банда бояд маносики ҳаҷро бо таъзим, бузургдошт, муҳаббат ва хушӯъ ба Аллоҳ, Парвардигори ҷаҳониён анҷом бидиҳад ва онро бо вақору оромӣ ва ба расулуллоҳ пайравӣ намуда адо намояд.

- Бояд ҳоҷӣ ин маконҳои бузургро бо зикр, такбир, тасбеҳ, таҳмид ва истиғфор гузаронад, зеро ӯ аз он даме, ки эҳром пӯшид, то дами аз эҳром баромадан, дар ибодат аст. Ҳаҷ сайру гашти лаҳву бозӣ нест, ки инсон мувофиқи хостааш лаззат ва дилхушӣ намояд, чуноне ки аз баъзе мардум дида мешавад. Баъзеашонро мебинӣ, ки дар бозиву ханда ва масхара намудани махлуқон ва дигар амалҳои мункар зиёдаравӣ мекунанд, гӯё ҳаҷ барои дилхушиву бозӣ машрӯъ шуда бошад.

- Бар ҳоҷӣ ва дигарон воҷиб аст, ки бар воҷибҳои Аллоҳ, ба монанди намоз бо ҷамоат дар вақтҳояш ва амри маъруфу наҳйи мункар пойбанд бошад.

- Бояд ҳоҷӣ ба манфиати мусалмонон ва некӯӣ ба онон бо роҳнамоӣ ва кӯмак дар ҳангоми ниёз саъю кӯшиш намояд. Ба нотавонон хусусан дар ҷойҳои издиҳом ва дигар ҷойҳо раҳм намояд, зеро раҳм намудани махлуқот сабаби ҷалби раҳмати офаридгор аст. Аллоҳ танҳо бандагони раҳмкунандаашро раҳм хоҳад кард.

- Бояд аз суханони бад, гуноҳу фисқу фуҷур ва ҷидол дар ғайри ёрии ҳақ худдорӣ намояд. Аммо ҷидол барои ёрии ҳақ, дар ҷояш воҷиб аст. Бояд ҳоҷӣ аз таҷовузи ҳаққи мардум ва азияти онон худдорӣ кунад. Аз ғайбату суханчинӣ, дашному ҳақорат, задан ва ба номаҳрамон нигоҳ кардан дурӣ ҷӯяд. Зеро ин гуноҳон дар ҳоли эҳром ва берун аз эҳром ҳаром буда, дар ҳоли эҳром ҳаром буданаш бештар мебошад.

Аз он суханоне, ки бисёре аз мардум ба забон меоранд ва лоиқи машоири ҳаҷ нест, худдорӣ кунад, мисли суханони нафароне, ки ҳангоми сангпартоӣ ба Ҷамарот мегӯянд: Шайтонро санг задем ва гоҳо он маконро дашном медиҳанд ё онро кафш ва дигар чизҳо мезананд, ки ин гуна тасарруфот зидди фурӯтаниву хузӯъ ва ибодат аст ва инчунин бо мақсади асосии сангпартоӣ, ки барқароркунии зикри Аллоҳ таъоло аст, мухолифат дорад.
Манбаъ: Китоби "Ал-Манҳаҷ лимуриди-л-умрати ва-л-ҳаҷ”-и Шайх Муҳаммад ибни Усаймин.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Оё дуои рӯзи Арафа барои ғайри ҳоҷӣ низ фазилате дорад?

Савол
Оё дуои рӯзи Арафа барои ғайри ҳоҷӣ низ фазилате дорад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Ҳеҷ рӯзе нест, ки Аллоҳ дар он рӯз, бештар аз рӯзи Арафа бандаеро аз дӯзах озод кунад ва Ӯ ба онон наздик мешавад,

сипас бо онҳо дар назди фариштагон ифтихор мекунад ва мегӯяд: Инҳо чӣ мехоҳанд?" Ривояти Муслим (1348).

Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Беҳтарин дуо, дуои рӯзи Арафа аст ва беҳтарин сухане, ки ман ва паёмбарони пеш аз ман гуфтаанд, ин аст:
لا إلهَ إلاَّ الله وحْدهُ لاَ شَرِيكَ لهُ، لَهُ المُلْكُ، ولَهُ الحمْدُ، وَهُو عَلَى كُلِّ شَيءٍ قَدِيرٌ
"Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамду ва ҳува ъало кулли шайъин қадир".
**(Ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳи ягона нест, Ӯ шарике надорад. Мулку ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба ҳамаи чиз тавоност).** Ривояти Тирмизӣ (3585). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-т-тарғиб" (1536) ҳасан донистааст.

Аз Талҳа ибни Убайд ибни Курайз ба тарзи мурсал ривоят шудааст: "Беҳтарин дуо, дуои рӯзи Арафа аст". Ривояти Молик дар "Муваттаъ" (500). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-л-ҷомиъ" (1102) ҳасан донистааст.

Донишмандон дар ин маврид ихтилоф кардаанд, ки оё фазилати дуои рӯзи Арафа хос барои касоне, ки дар Арафа қарор доранд, ё дигар маконҳоро низ дарбар мегирад. Саҳеҳтарин дидгоҳ ин аст, ки ин ом аст ва он фазилат ба рӯзи Арафа мутааллиқ аст. Шакке нест, ки касе ки дар Арафа қарор дорад, фазилати макон ва ҳам фазилати замонро ҷамъ намудааст.

Боҷӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:
Ин сухани паёмбар: "Беҳтарин дуо, дуои рӯзи Арафа аст". Яъне: Бобаракаттарин зикр ва бузургтарини он аз рӯи савоб

ва наздиктарини он ба иҷобат. Эҳтимол дорад, ки мақсад аз он танҳо ҳоҷӣ бошад (шахсе, ки дар ҳаҷ бошад), зеро маънои дуои рӯзи Арафа дар ҳаққи ӯ саҳеҳ аст ва махсуси ӯст. Васфи ин рӯз ба рӯзи Арафа ба хотири амалҳои ҳоҷӣ аст, ки дар он иҷро мекунад. Аллоҳ донотар аст". Поёни сухан.
"Алмунтақо шарҳу-л-муваттаъ" (1/358).

Ибни Қудома (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:
Қозӣ гуфтааст: "Таъриф" бегоҳи рӯзи Арафа дар шаҳрҳо (яъне дар ғайри Арафа) ишколе надорад. Асрам гуфтааст: Аз Абуабдуллоҳ (яъне Имом Аҳмад) оиди таъриф дар шаҳрҳо пурсидам, ки дар рӯзи Арафа дар масҷидҳо ҷамъ мешаванд. Гуфт: "Умедворам, ки ишколе надошта бошад, зеро якчанд нафар онро анҷом додаанд". Асрам аз Ҳасан ривоят кардааст, ки ӯ гуфт: Аввалин касе, ки дар Басра таъриф намуд, Ибни Аббос (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) аст. Имом Аҳмад гуфтааст: "Аввалин касе, ки онро анҷом дод, Ибни Аббос ва Амр ибни Ҳурайс мебошанд".

Аз баъзе гузаштагон собит шудааст, ки онҳо ба "таъриф" иҷозат додаанд. Он дар рӯзи Арафа барои дуо ва зикри Аллоҳ дар масҷидҳо ҷамъ шудан мебошад. Аз ҷумлаи касоне, ки ин амалро анҷом додаанд, Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) аст. Имом Аҳмад низ ба он иҷозат додааст, гарчанде ки худ онро иҷро намекард.

Ҳасан, Бакр, Собит ва Муҳаммад ибни Восеъ гуфтаанд: Онҳо дар рӯзи Арафа ба масҷидҳо мерафтанд. Аҳмад гуфтааст: Ин амал ишколе надорад, чунки ин дуо ва зикри Аллоҳ аст. Ба ӯ гуфта шуд: Ту онро анҷом медиҳӣ? Гуфт: Аммо ман, на. Аз Яҳё ибни Маъин ривоят шудааст, ки ӯ бо мардум дар бегоҳи рӯзи Арафа ҳозир мешуд. Поёни сухан.

"Ал-Муғнӣ" (2/129).

Ин далолат мекунад, ки онҳо фазилати рӯзи Арафаро танҳо хос ба ҳоҷиён намедонистанд, гарчанде, ки ҷамъ шудан дар масҷидҳо дар рӯзи Арафа барои зикру дуо аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид нашуда бошад ҳам. Аз ин хотир, Имом Аҳмад онро анҷом намедод, вале ба он иҷозат медод ва онро манъ намекард, зеро он аз баъзе саҳобагон, ба монанди Ибни Аббос, Амр ибни Ҳурайс (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) ворид шудааст.

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳаҷ чист?

Савол

Ҳаҷ чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳаҷ ин қасд намудани Каъба, хонаи Аллоҳ (масҷиду-л-ҳаром) барои адо намудани маносики ҳаҷ мебошад. Он гуфтору кирдори паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар сифати ҳаҷ, ба монанди ҳафт маротиба тавоф намудани хонаи Каъба, ҳафт маротиба саъй кардан байни кӯҳи Сафо ва Марва, вуқуф намудан (истодан) дар Арафот, санг партофтан ба Ҷамарот дар Мино ва ғайра мебошад. Ҳаҷ барои бандагон фоидаҳои бузурге дорад, аз ҷумла эълони ягонагии Аллоҳ таъоло, мағфирати бузург барои ҳоҷиён, шиносоӣ байни мусулмонон, омӯхтани аҳкоми дин ва ғайра.Таваҷҷӯҳи ту бо савол додан оиди ҳаҷ, эй ҷавон, бо вуҷуди хурдсолӣ ва дурии макони зисти ту (Канада), ин чизи хубест, ки бояд қадрдонӣ карда шавӣ.

Аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки бароят ҳаҷҷи хонаи худ ва адо намудани фаризаашро муяссар гардонад. Дуруди Аллоҳ ба паёмбарамон Муҳаммад бод.

Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид.